РУСИЯ: 380 МЛН БАРОИ СОХТМОНИ МАКТАБҲОИ РУСӢ с.2

БОХТАР. БАРОИ ҚАҲРАМОНИ ТОҶИКИСТОН ҶОЙ ЁФТ НАШУД? с.6

МАЙИ ТОҶИКӢ ВА ТАРЗИ ОМОДАКУНИИ ОН ДАР ХОНА с. 7

ТОҶИКИСТОН

№26 (1485) 29.06.22 Оғози нашр: марти 1992

Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якмост!

ПАСИ ДАРҲҲОИ БАСТА

МУЛОҚОТИ ЯК БА ЯКИ ПУТИН ВА ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО ЧӢ АНҶОМ ЁФТ?





ВАРЗИШ
Медали биринҷии Моҳрӯ Ҳалимова аз Кореяи Ҷанубӣ с.15

ЎЗБЕКИСТОН
Аз афзудани муҳлати президентӣ то лағви мухторияти Қароқалпоқистон с.4


НИГАРОНӢ
Дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ заминҳо фурӯ мераванд? с.6

ХАТЛОН
Чаро оилаҳо вайрон мешаванд? с.5

СЕМЕНТ
Истеҳсоли он дар Тоҷикистон кам шуд с.10

ҲАҶ 2022
Дучархасаворони тоҷик ба Хонаи Худо расиданд с.9

ЗАРДПАРВИН
Аз пайдоиш, пешгирӣ то хатар. Чиро бояд донист? с.13



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА,
академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
президенти АИ Тоҷикистон, академик

Далер ҶУМЪА,
вазири энергетика ва захираҳои оби ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Ҷамшед САЪДУЛЛОЕВ,
профессор

Шералӣ РИЗОЁН,
сиёсатшинос

Абдулмаҷид УСМОНОВ,
Журналист

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ Фаронса

Ҳалима ХУШҚАДАМОВА,
Профессор, ҷомеашинос

Амина ШАРОФИДДИНОВА,
узви Анҷумани "Пайванд", Ӯзбекистон

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.

Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ РЕКЛАМА:
Ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ 3
44 601-35-95
director@tayron.tj

ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88
ads@rg.tj

ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО ВА ОБУНА
938-66-82-64, 221-41-11
furush@rg.tj

Pressa.tj: ХАБАР МЕДИҲАД

БО СУПОРИШИ ПРЕЗИДЕНТ МАНСАБДОРОН БА БАДАХШОН РАФТАНД

Шералӣ Кабир, вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон бо фаъолияти Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар шаҳри Хоруғ шинос шудааст.

Гуфта мешавад, ки Шералӣ Кабир бо супориши Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба ВМКБ сафар намуда, зимнан, бо вазъи омода намудани мутахассисон дар ин муассаи олӣ якҷо бо масъулини вилоят ошно шудаанд. Шералӣ Кабирро раиси вилоят Алишер Мирзонабот ва раиси шаҳри Хоруғ Назарзода Ризо Шодӣ ҳамроҳӣ намудаанд.

Зимни боздид аз донишгоҳи мазкур, Шералӣ Кабир ба тарҳи меъмории донишгоҳ баҳои баланд додааст. Вазир ба масъулини Донишгоҳи Осиёи Марказӣ пешниҳод намудааст, ки мутахассисони соҳаи геология ва саноатро омода намоянд.

Мавриди ба зикр аст, ки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари корӣ ба ноҳияи Данғара аз ҳаводиси ахири ВМКБ таъкид намуда, ба аксар вазирону раисон супориши қатъӣ дод, ки ба ин вилоят сафар кунанд. Ӯ аз ҷумла ба вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон Шералӣ Кабир супориш дод, ки аз ВМКБ боздид кунад ва давоми дах рӯз тамоми шарту шароити ин минтақаи дурдасти куҳиро омӯхта, аз пайи ташкил додани корхонаҳои хурди саноатӣ шавад. Дар баробари Шералӣ Кабир роҳбарони вазоратҳои тандурустӣ, нақлиёт, кишоварзӣ ва чандин мақомдорони дигар ба ВМКБ сафар намудаанд.



Шералӣ Кабир, вазири саноати ҶТ

АФЗОИШИ ҲОЛАТИ ФАВТИ ЗАНОНИ ҲОМИЛА ДАР ХАТЛОН

Дар панҷ моҳи соли равон дар вилояти Хатлон 9 ҳолати фавти занони ҳомила сабт шудааст. Мутаассифона, фавти модар нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд мебошад.

Гулбаҳор Зарипова, директори Маркази солимии репродуктивии вилояти Хатлон дар суҳбат бо Pressa.tj афзуд, ки фавти занони ҳомила дар ҳамин давраи соли гузашта ҳашт ҳолат буд. Ӯ мегӯяд, ки имсол як ҳолат зиёд шудааст. Ба гуфти мавсуф, фавти модар дар ноҳияҳои Вахш 1 ҳолат, Кӯшониён 2 ҳолат, Абдураҳмони Ҷомӣ 1 ҳолат, Панҷ 1 ҳолат, Данғара 1 ҳолат, Ховалинг 1 ҳолат, Фархор 1 ҳолат ва дар ноҳияи Носири Хусрав 1 ҳолат мебошад.

- Барои фавти занони ҳомила ду нафар шахсони масъул, директори Маркази солимии репродуктивии ноҳияи Кӯшониён ва мудири шуъбаи таваллуди Беморхонаи марказии ноҳияи Фархор аз кор озод карда шуданд,- афзуд ӯ.

ДАР ДУШАНБЕ ОЛИМПИАДАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БАРГУЗОР МЕШАВАД

Аз 1 то 7-уми июли соли 2022 дар шаҳри Душанбе Олимпиадаи байналмилалии "ISI junior" баргузор мегардад.

Бино ба иттилои Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, дар ин олимпиада 27 дастаи олимпии наврасон бо иштироки 158 нафар хонанда ва 28 мураббӣ аз давлатҳои Тоҷикистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Белорусия, Афғонистон, Туркманистон ва Россия иштирок менамоянд.

Ҳамзамон, хонандагон аз давлатҳои Озарбойҷон, Муғулистон, Ҳиндустон, Шри-ланка, Хитой, Сурия ва Куба бо теъдоди 20 даста, ки 134 нафарро ташкил медиҳанд, ба тариқи фосилавӣ дар олимпиадаи мазкур ширкат меварзанд.

Гуфта мешавад, олимпиадаи мазкур дар доираи "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ", рушди тафаккури техникӣ, тарғиби ҷаҳонбинии илмӣ, ҷалби хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба омӯзиши амиқи фанҳои риёзӣ дақиқ ва табиӣ, дарёфт ва муаррифии истеъдодҳои нав, рақобатпазир гардидани хонандагон дар арсаи байналмилалӣ ва муаррифии имкониятҳои сайёҳии пойтахт баргузор мешавад.

ТАНАКСОЛ - бар зидди ихроҷи ЛЯМБЛИЙ!

Ширкати илмию истеҳсолии Русия воситаи нодиреро коркард намудааст, бо номи ТАНАКСОЛ, ки он аз ҷамъи гиёҳҳо (пижма, полын, тысячелистник, девясил) иборат буда ҳангоми бемориҳои паразитиву сироятии ЛЯМБЛИОЗ, АМЕБИОЗ, АСКАРИДОЗ, ЭНТЕРОБИОЗ ва бемории ҶИГАР истифода бурда мешавад.



Тарзи истифодабарӣ: Кӯдакони аз 1 сола 1/6 қ аз 2 то 7 сола 1/3қ, аз 7 то 12 сола 2/3қ, аз 12 сола боло аз 1 то 2 қошуқча рӯзе 3 маротиба, 20-30 дақиқа пас аз хӯрок. Давомнокӣ: аз 7 то 14 рӯз, барои калонсолон то 30 рӯз.
Аз дорухонаҳо пурсон шавед!

Мол дорои сертификат аст

САРИ САБЗ



Раҷаб АШӮРЗОДА, раиси ноҳияи Зафаробод

- Соҳаи саноатии ноҳия асосан аз коркарди пахта ва маҳсулоти он вобаста буда, маҳсулоти истеҳсолнамудаи корхонаҳои саноатии ноҳия тибқи талаботи бозор буда, мунтазам дар бозорҳо харидори худро доранд.

- Ҳмм, аз чӣ бошад, ки мо дар бозорҳо маҳсулотеро бо тамғаи "Зафаробод" вонамехӯрем... Ё маҳсулотатон фақат дар бозорҳои Зафаробод харидор доранд?



Муҳаммадҷон ХОЛОВ, ҳаҷвнигор ва тарроҳи либос

- Либосамро интихоб намуда, болояш каме кор кардам. Боз як дӯсти дигар тавсия дод, ки токӣ монам, вале дар натиҷаи гуфтугӯ ва машварат токӣ не, балки токӣ-кепка тавлид шуд, ки онро ҳам худам кардам.

- Агар ягон дӯсти дигар тавсия диҳаду машваратҳо сурат гиранд, аз афташ ин дафъа токӣ-телпак тавлид мешавад. Охир, аз пеш боз зимистон аст ку!



Азизулло ИСМАТЗОДА, раиси ноҳияи Рӯдакӣ

- Дар семоҳаи якуми соли 2022 аз ҷониби Раёсат 3 маротиба ярмаркаи ҷойҳои холии корӣ гузаронида шуда, 19 нафар бо кор таъмин гардиданд. Инчунин, 32 нафар ба курсҳои касбомӯзӣ равон карда шуданд.

- Курсҳои касбомӯзӣ хубанд, бо кор таъмин шудани бекорон низ, агарчи кам ҳам бошад. Аммо, агар маҳфӣ набошад, музди меҳнат чанд сомонӣ аст?

ПАСИ ДАРҲҒОИ БАСТА

мулоқоти як ба яки Путин ва Эмомалӣ Раҳмон бо чӣ анҷом ёфт?

Сафари Президенти Русия Владимир Путин ба Душанбе ғайриинтизор буд. Сафар охири ҳафтаи гузашта расонай шуд ва шоми 28-уми июн Владимир Путин озими Душанбе гашт. Ӯро дар фурудгоҳ Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон истиқбол гирифт.



КОРШИНОС: САФАРИ ПУТИН БА ТОҶИКИСТОН ВОКУНИШИ КРЕМЛ БА ОВОЗАҲО ДАР БОРАИ ДАР АМАЛИЁТИ НИЗОМИИ УКРИНА ДАРМОНДАНИ ПОЙИ РУСИЯ ВА АЗ ДАСТ ДОДАНИ НАЗОРАТ БАР МИНТАҚАИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ АСТ…

Тиҷорат рӯ ба афзоиш аст

Маркази матбуоти Сарвари давлат иттилоъ дод, ки мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон ва Владимир Путин шоми 28-уми июн дар Қасри миллат баргузор гардид. Сарони ду давлат вазъи кунунӣ, дурнамои ҳамкориҳои дуҷонибаро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Тарафҳо суръати рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, робита дар соҳаҳои фарҳангу гуманитарӣ, муҳоҷирати меҳнатиро бо қаноатмандӣ зикр карданд.

Гуфта шудааст, ки ҳаҷми тиҷорати байни ҷонибҳо дар панҷ моҳи соли ҷорӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 46,2 дарсад афзоиш ёфтааст.

Русия дар сохтори савдои хориҷии Тоҷикистон мавқеи пешсафро ишғол мекунад. Соли гузашта афзоиши гардиши мол миёни ду кишвар дар қиёси имсол 39 дарсадро ташкил медод.

“Ҷонибҳо ҷиҳати идомаи кори муштарак барои боз ҳам густариш додани робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар заминаи судманд ба мувофиқа расиданд. Дар робита ба ин, ба масъалаҳои омодагӣ ба Форуми сармоягузорӣ, ки қарор аст дар моҳи сентябри соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе баргузор шавад, таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд.

Сарони давлатҳо ба сатҳи ҳамкории ҷонибҳо дар соҳаҳои фарҳангию гуманитарӣ, бахусус дар бахшҳои маориф, илм, фарҳанг ва тандурустӣ баҳои баланд доданд”,- омадааст дар хабари расмии маркази матбуоти Президенти Тоҷикистон.

Таъкид шуд, ки дар Тоҷикистон барои нигоҳдорӣ ва рушди забону фарҳанги русӣ, инчунин, фазои таълимии русӣ корҳои зиёде анҷом дода мешавад. Дар назар аст, ки дар Тоҷикистон сохтмони панҷ мактаб бо таълими забони русӣ аз ҷониби Русия анҷом дода мешавад ва онҳо то якуми сентябр ба истифода дода мешаванд.

Таваҷҷуҳ ба марзи Тоҷикистону Афғонистон

Зимни мулоқот ба вазъи Афғонистон ва марзи Тоҷикистону Афғонистон таваҷҷуҳи хоса зоҳир шуд.

Дар ин замина миёни Эмомалӣ Раҳмон ва Владимир Путин масоили густариши ҳамкорӣ дар самти амниятӣ, аз ҷумла дар бахшҳои ҳамкориҳои низомӣ, низомиву фаннӣ ва мудофиавӣ, бахусус дар қисмати таҳдиди иқтидори Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳкими ҳифзи сарҳадоти байни Тоҷикистон ва Афғонистон суҳбат сурат гирифт.

Дар мулоқот оид ба дигар масъалаҳои мубрами рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ табодули назар шуд.

Пас аз анҷоми мулоқоти расмӣ дар Қасри миллат, дар бӯстонсарои Ҳукумат ду Президент гаштугузор карданд. Он “Шоми дӯстӣ” ном гирифт, ки сарони давлат ба назар хеле самимӣ буданд ва як ба як суҳбат оростанд.

Онҳо атрофи кадом масъалаҳо суҳбат доштанд, ба Pressa.tj рӯшан нест. Аммо аз андешамандона қадам зада, суҳбат кардани онҳо маълум буд, ки сари масоили сарнавиштсози минтақа ва ҷаҳон андешаронӣ мекунанд.

Песков ва Шарифзода чӣ гуфтанд?

Тавре ишора кардем, ин сафари Путин ба Душанбе ғайричашмдошт сурат гирифт ва тахминҳои зиёди доираҳои сиёсии ҷаҳон ва коршиносонро ба миён овард.

Дмитрий Песков, сухангӯи Кремл як рӯз қабл тасдиқ кард, ки Президенти Русия Владимир Путин бо як сафари корӣ вориди Тоҷикистон мешавад ва бо ҳамтои тоҷикаш Эмомалӣ Раҳмон мулоқот доир мекунад. “28-уми июн сафари кории Владимир Путин ба Тоҷикистон барномарезӣ шудааст. Дар онҷо мулоқот ва музокироти ӯ бо Эмомалӣ Раҳмон доир хоҳад шуд»,- гуфт Песков дар посух ба суоли хабарнигори ТАСС. Дар мавриди шеваи музокироти ду Президент Песков гуфт, ки онҳо “як ба як суҳбат мекунанд”. Баъдан, Абдуфаттоҳ Шарифзода, сухангӯи Президенти мамлакат низ гуфт, ки дар доираи сафари Владимир Путин ягон санад имзо нахоҳад шуд. “Сафари корӣ аст ва танҳо як мулоқоти як ба як доир мегардад”,- афзуд Шарифзода.

Юрий Ушаков, ёвари Президенти Русия бошад, гуфт, ки роҳбарони Тоҷикистону Русия дар навбати аввал ҳамкориҳои дуҷониба дар бахшҳои иқтисод, низомӣ, фарҳангӣ ва муҳоҷиратро баррасӣ мекунанд.

(Давомаш дар саҳ. 10)

РУСИЯ БА ТОҶИКИСТОН 380 МИЛЛИОН МЕФИРИСТАД

Ҳукумати Русия барои кумак ба панҷ мактаби муштараки русиву тоҷикӣ 378 миллион рубл ҷудо кардааст. Ин мактабҳо дар Душанбе, Кӯлоб, Бохтар, Турсунзода ва Хуҷанд сохта мешаванд.

Фармони дахлдор, ки Михаил Мишустин - нахуствазири Русия имзо кардааст, рӯзи шанбе дар портали расмии иттилооти ҳуқуқӣ нашр шуд.

Қаблан Сергей Лавров, вазири умури хориҷии Русия дар матлабе дар "Российская газета", ки ба муносибати 30-юмин солгарди истиқрори равобити дипломатӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ нашр шуд, аз ифтитоҳи 5 мактаби таълими забони русӣ дар Тоҷикистон аз 1-уми сентябр хабар дода буд.

Ба гуфтаи ӯ, таҳсил дар мактабҳои русзабон имкон медиҳад, ки шаҳрвандони кишварҳои Осиёи Марказӣ бо шартҳои баробар ба донишгоҳҳои Русия дохил шаванд.

ТОҶИКИСТОН ЧАНД НАФАҚАГИР ДОРАД?


Дар Тоҷикистон дар панҷ моҳи соли равон ба беш аз 758,4 ҳазор нафар нафақагир беш аз 1 миллиард сомонӣ пардохт шудааст.

Тибқи иттилои Агентии омор, ҳаҷми умумии пардохти нафақаву кумакпулӣ дар панҷ моҳи соли равон дар Тоҷикистон 1 миллиарду 55,7 миллион сомониро ташкил додааст.

Маблағе, ки аз ҷониби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи ҷумҳурӣ маблағгузорӣ шудааст, дар моҳҳои январ-майи соли равон 1 миллиарду 78,6 миллион сомониро ташкил додааст.

Манбаъ иттилоъ додааст, ки шумораи нафақагирон ба аввали моҳи июни соли равон 758 ҳазору 485 нафарро ташкил додааст.

Бар асоси буҷети давлатии ҷумҳурӣ, ин маблағ аз 3,5 миллиард сомонӣ андози иҷтимоӣ ва 31 миллион сомонии кумак аз хазинаи ҷумҳурӣ иборат аст.



ДУ БАНДИ ЛОИҲАИ ҚОНУН «ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН», КИ РЎЗИ 25-УМИ ИЮН БА МУҲОКИМАИ УМУМ ГУЗОШТА ШУД, БАҲСБАРАНГЕЗ ШУД: ЯКУМ, ТАМДИДИ МУҲЛАТИ ПРЕЗИДЕНТӢ, ДУЮМ, БАРҲАМ ДОДАНИ МУХТОРИЯТИ ҚАРОҚАЛПОҚИСТОН.

Аз 5 ба 7

Як банди лоиҳаи қонун «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон» ба тамдиди муҳлати ваколати Президенти Ӯзбекистон аз 5 то 7 сол бахшида шудааст.

Шавкат Мирзиёев қаблан пешниҳод намуда буд, ки то 8-уми декабри соли 2022, санаи 30-солагии Конститутсияи мамлакат барои ворид кардани тағйирот ба Қонуни асосӣ раъйпурсии умумихалқӣ баргузор карда шавад.

Дар охири моҳи май парлумон як комиссияи конститутсионӣ таъсис дод, ки лоиҳаи ислоҳотро таҳия қунад. Рӯзи чоршанбе лоиҳаи қонуни конститутсионӣ дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба палатаи қонунгузорӣ пешниҳод шуда, рӯзи чумъа дар баррасии аввал тасвиб шуд ва қарор шуд, ки барои муҳокимаи умум нашр шавад. Муҳокимаи умумӣ то 4-уми июли ҳамин сол идома хоҳад ёфт.

«Дар қисми дуюми моддаи 90 калимаи «панҷ» ба калимаи «ҳафт» иваз карда шавад»,- омадааст дар матни лоиҳа.



АЗ АФЗУДАНИ МУҲЛАТИ ПРЕЗИДЕНТӢ ТО ЛАҒВИ МУХТОРИЯТИ ҚАРОҚАЛПОҚИСТОН

Моддаи 90-уми Конститутсияи амалкунанда пешбинӣ мекунад, ки Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз ҷониби шаҳрвандони кишвар дар асоси ҳуқуқи умумӣ, баробар ва бевосита бо овоздиҳии пинҳонӣ ба муҳлати панҷ сол интихоб карда мешавад.

Қароқалпоқистон вилоят мешавад

Тарҳи ислоҳҳо ба Конститутсияи Ӯзбекистон миёни сокинони Қароқалпоқистон низ баҳсҳоеро ба вуҷуд овардааст.

Дар Конститутсияи амалкунандаи Ӯзбекистон Қароқалпоқистон ҳамчун ҷумҳурии мухтор нишон дода шудааст, ки истиқлолаш аз сӯи Ӯзбекистон муҳофизат мешавад. Ба илова, тибқи Конститутсияи амалкунанда, Қароқалпоқистон ҳақ дорад аз ҳайати Ӯзбекистон хориҷ шавад. Дар матни нави Конститутсия пешниҳод доранд, ки Қароқалпоқистон аз ин ҳақ маҳрум гардад.

Нашрияҳои Ӯзбекистон бо такя ба комиссияи ислоҳи Конститутсия менависанд, ки ин пешниҳод аз сӯи вакилони парлумони Қароқалпоқистон таҳия шудааст.

Қароқалпоқистон аз се як қисми Ӯзбекистонро ташкил медиҳад. Вилояти мухтори Қароқалпоқистон соли 1930 аз ҳайати Қазоқистони Шӯравӣ берун шуда, мустақим ба итоати Иттиҳоди Шӯравӣ шомил гардид. Аз соли 1936 то соли 1990 дар ҳайати Ӯзбекистони Шӯравӣ буд. Соли 1990 парлумони ҷумҳурии мухтори Қароқалпоқистон дар ҳайати Ӯзбекистон эъломияи давлати мустақилро қабул кард. Ҳукумати Ӯзбекистон дар соли 1993 бо Қароқалпоқистон шартномаи 20-солаи байнидавлатӣ баст ва ин кишварро шомили Ӯзбекистон кард. Дар соли 2013, вақте ки муҳлати шартнома ба поён расид, онро фаромӯш карда буданд. Аъзои ҳаракати "Алға, Қароқалпоқистон", ки ин масъаларо бардоштанд, ҳоло фирорӣ ҳастанд.

Хотиррасон мешавем, ки Конститутсияи Ӯзбекистон 8-уми декабри соли 1992 дар иҷлосияи Шӯрои олии кишвар қабул шуда, дар муддати сипаришуда ба он 15 маротиба тағйироту иловаҳо ворид карда шудааст. Бори охир муҳлати ваколатҳои президент дар ин кишвар соли 2011 аз 7 то 5 сол кам карда шуда буд.

САФИРИ НАВИ УКРАИНА ДАР ДУШАНБЕ КИСТ?

Президенти Украина Владимир Зеленский 23-юми июни соли 2022 раҳбари собиқи Хадамоти ҷосусии берунаи кишвараш генерал-майори 52-сола Валерий Евдокимовро сафири нави Украина дар Тоҷикистон таъйин кард.

Евдокимов дар ин мақом генерал Василий Серватюткро, ки дар рӯзҳои охири президентии Петро Порошенко фармони қатъи фаъолияташ имзо шуда буд, иваз мекунад.

Валерий Владимирович Евдокимов 17-уми ноябри соли 1969 дар шаҳри Ровно, дар шимолу ғарби Украина ба дунё омада, Донишкадаи Қӯшунҳои марзбонии Украина, Академияи миллии Хадамоти амнияти Украина ва ҳамчунин Мактаби тиҷорати Киеву Могилянро хатм кардааст.

Евдокимов солҳои зиёде дар сафи нируҳои марзбонии Украина хидмат карда, 9-уми июли соли 2019 муовини сардори Хадамоти ҷосусии берунаи Украина ва 20-уми сентябри ҳамон сол сардори ин ниҳоди махсуси амниятӣ таъйин шуд. Генерал Евдокимов Хадамоти ҷосусии берунаи Украинаро то 5-уми июни соли 2020 роҳбарӣ кард ва аз 15-уми октябри соли 2019 то 17-уми августи соли 2020 узви Шӯрои амнияти миллӣ ва мудофиаи Украина низ буд.



Генерал Евдокимов барои саҳмаш дар ҳифзи марзҳо ва намоиши шуҷоату сатҳи баланди омодагии касбӣ соли 2017 бо ордени Даниил Галитский ва ҳам бо ҷоизаи президенти Украина “Барои иштирок дар амалиёти зиддитеррористӣ” сарфароз гардонида шудааст.

Таъйини генерал Евдокимов ба мақоми сафири Украина дар Тоҷикистон дар пасманзари ҷанги Русия бо Украина сурат мегирад, ки инак 4 моҳ боз давом дорад ва дар ҷараёни задухӯрдҳои мусаллаҳона аз ҳарду тараф чандин ҳазор нафар кушта шуда, даҳҳо шаҳри Украина вайрону валангор ва қисме аз қаламрави ин кишвар аз сӯи Русия ишғол шуд.

Мақомоти Тоҷикистон дар сатҳи расмӣ то кунун дар робита ба ҷанги Русия ва Украина изҳори назар накардаанд ва ин ҷангро баҳогузорӣ намекунанд. Нозирони умур инро ба вобастагии ҷиддии Душанбе аз Русия ва ҳам ба омили ҳузури беш аз як миллион муҳоҷири кории тоҷик дар бозори кори Русия бастагӣ медиҳанд.

The Economist:

ПЕШГӮЙИИ НООРОМӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ



Нашрияи британиёии The Economist нуҳ кишвари ҷаҳонро номбар кардааст, ки ба далели афзоиши қимати маҳсулоти хӯрокворӣ ва воситаҳои энергия дар 12 моҳи оянда дар онҳо эҳтимоли нооромиҳо вуҷуд дорад.

Дар байни ин 9 кишваре, ки дар онҳо эҳтимоли баланди ба вуҷуд омадани бетартибиҳо вуҷуд дорад, ду кишвари Осиёи Марказӣ номбар шудаанд. Тоҷикистон дар ин рӯйхат зикр нашудааст.

Дар маводи нашрия мушкилоти ҷойдоштаи марбут ба амнияти озуқаворӣ ва энергетикӣ дар ҷаҳон бар асари пандемия ва муноқишаи низомии Русия ва Украина мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Қирғизистон ба рӯйхати кишварҳое шомил шудааст, ки соли наздиктарин дар он рух додани нооромиҳо аз эҳтимол дур нест. Сатҳи пешгӯйиро коршиносон баланд арзёбӣ мекунанд.

Ба ҷуз Қирғизистон, ба ин рӯйхат Туркманистон низ шомил гардидааст.

Ҳамчунин, дар Покистон, Туркия, Перу ва 4 кишвари Африқо - Миср, Тунис, Уганда ва Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ низ буҳрони иҷтимоӣ-сиёсӣ ба амал омада метавонад.

СҶТ:

ОБИЛАИ ҲАМДУНА БА 50 КИШВАР РОҲ ЁФТ

Ба иттилои Созмони Ҷаҳонии тандурустӣ обилаи ҳамдуна дар 50 кишвари ҷаҳон паҳн шуда, 3413 нафар ба он сироят ёфтаанд.

СҶТ ҳамчунин аз нахустин ҳолати фавт аз бемории обилаи ҳамдуна хабар дод. Қурбони ин вирус як шаҳрванди 40-солаи Нигерия гардид.

Ёдовар мешавем, ки нахустин ҳолати гирифторӣ ба ин дард дар як сайёҳ ошкор шуд, ки аз Нигерия ба Британия баргашта буд.

Бемории обилаи ҳамдуна ё сурхакони маймун як маризии нодир аст. Ин беморӣ одатан сабук мегузарад ва дар аксари маврид мариз дар давоми чанд ҳафта шифо меёбад, аммо баъзеҳо онро бо мушкилӣ паси сар мекунанд.

Аломатҳои аввалини беморӣ табларза, дарди сар, дарди мушакҳо, дарди пушт, сармохӯрӣ ва хастагӣ мебошад.

Одамоне, ки алайҳи бемории обчакони ҳамдуна ваксина шудаанд, аз ин вирус эмин хоҳанд буд, аммо эмкунии ҳатмӣ бар зидди ин беморӣ дар охири асри гузашта аз байн рафт.

Дар ҳамин ҳол, Вазорати тандурустии Тоҷикистон мегӯяд, аллакай мутахассисони худро барои мубориза бо маризии мазкур омода мекунад.



ЗАМ МЕШАВАДУ КАМ НЕ

Аз бекоркунии ақди никоҳ дар Хатлон то пушаймонӣ

Давоми чор моҳи соли равон, мутаассифона, дар вилояти Хатлон 1 ҳазору 317 оила аз ҳам ҷудо шудаанд. Набудани муҳаббат, муҳоҷирати тӯлонии меҳнатӣ, хиёнат, ноуҳдабарой, омода набудан ба ҳаёти мустақилона ва дахолати шахси сеюм аз сабабҳои асосии ҷудошавии оилаҳо гуфта мешавад.



Нигоҳе ба омор

Бибиҷаб Ҷабзода, мутахассиси пешбари шуъбаи асноди ҳолати шаҳрвандии Раёсати адлияи вилояти Хатлон дар суҳбат бо хабарнигори рӯзномаи "Тоҷикистон" гуфт, ки дар чор моҳи соли 2022 дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ақди никоҳи 1 ҳазору 317 оила бекор карда шудааст. Ба гуфтаи вай, нисбати ҳамин давраи соли 2021-ум ҷудошавии оилаҳо 312 ҳолат зиёд мебошад. Ӯ мегӯяд, ки 205 оила бо аризаи розигии якдигар ва боқимонда, яъне 1 ҳазору 112 оила аз сабаби кӯдакони ноболиғ доштан бо қарори суд аз ҳам ҷудо шудаанд.

- Мутаассифона, аз сабаби ҷудо шудани оилаҳо 1 ҳазору 527 кӯдак зиндаятим мондаанд. Аз инҳо 1 ҳазору 485 кӯдак дар тарбияи модар ва 42 нафари дигар дар тарбияи падар қарор доранд,- афзуд вай.

Ӯ таъкид дошт: "Аз ҷудо шудани оила, пеш аз ҳама зарбаи асосии рухӣ ба кӯдакон мерасад. Албатта, ин ба ояндаи онҳо бетаъсир наметонад. Санҷишҳо нишон доданд, ки аксарияти кӯдакони зарбаи руҳидида дар бунёди оилаи солим чандон муваффақ намешаванд. Зеро аксарият тарбияи дуруст намебинанд".

«Аз ҷудоӣ пушаймонам»

Аламшо, як ҷавоне, ки соли 2014 издивоҷ кардааст, мегӯяд, ҳамсарро модараш интихоб кард. "Танҳо як акси ӯро дидам ва ба интихоби модарам розӣ шудам",- афзуд вай.

"Аз издивоҷи мо шаш моҳ гузашта буд. Аз набудани муҳаббату дӯстдорӣ ва нофаҳмӣ байни мо тез-тез ҷанҷол сар мезад. Ӯ ҳам пеш аз тӯй маро боре надида буд. Бо ҳамин наздики ду сол зиндагӣ кардем. Соҳиби фарзанд шудем. Мутаассифона, фарзанд ҳам боиси дӯстдориву муҳаббати мо шуда натавонист. Билохира аз ҳам ҷудо шудем. Ҳоло фарзандам дар тарбияи модараш аст. Ҳафтсола шудааст. Ӯро се-чор маротиба дидааму халос. Аз дурии ягона фарзандам азият мекашам. Вале афсӯс, ки дар вақташ дуруст фикр накардем. Модараш аз субҳ то шом кор мекунад. Албатта, кӯдак тарбияи дуруст намебинад",- гуфт ҳамсуҳбатамон.

Ба ҳамин монанд садҳо нафарро метавон вохӯрд, ки ба андак нофаҳмӣ ва мушкилиҳои зиндагӣ тоб наоварда, ақди никоҳи хешро бекор кардаанд. Вале аксарият ин воқеаро хатои бузург дар зиндагӣ унвон карда, ба ҷавонон тавсия медиҳанд, то бо ҳамдигар меҳрубон бошанд ва нагузоранд, ки фарзандонашон зиндаятим монанд.

Оила - аввалин муассисаи тарбия

Бибигул наздики 20 сол аст, ки шавҳар дорад. Ӯ мегӯяд, ки хушбахтона, аз зиндагии якҷоя бо ҳамсараш соҳиби чаҳор фарзанд шудааст. "Зиндагии хубу осоишта дорем»,- мегӯяд ӯ.

"Гоҳ - гоҳе нофаҳмӣ мешавад. Ин дар ҳар оила шуданаш мумкин аст. Вале бо таҳаммулпазирӣ ва сабр ба зиндагии осудаи хеш идома бояд дод. Худоро шукр, ки соҳиби келин шудам. Фарзандам ҳамсарашро худаш интихоб кард. Албатта, дар ин кор бо мо машварат кард. Ҳоло яке аз оилаҳои намунавӣ мебошанд. Пайваста онҳоро ба роҳи дуруст ва муҳаббату дӯстдорӣ ҳидоят мекунем. Оила муассисаи аввалини тарбияи инсон аст. Бояд ҳар як падару модар дар баробари таълиму тарбияи фарзанд ба ӯ одоби муошират ва оиладориро омӯзонанд. Ҳунар омӯзонидану ҳидоят кардани фарзанд ба эҳтироми калонсолон яке аз қадамҳои аввалини пойдории оилаҳои ҷавон мебошад. Ҷавононро ба дӯстдориву муҳаббат байни ҳамдигар ҳидоят бояд кард. Албатта, ин вазифаи ҷонии ҳар як падару модар аст",- таъкид дошт Бибигул.

Оиладорӣ масъулият аст



Одинамо Шарипова, омӯзгори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ин назар аст, ки агарчи оиладорӣ ҳодисаи муқаррарӣ менамояд, масъулияти зиёд доштани онро фаромӯш набояд кард. Зеро оила пойдевори ҷомеа, асоси пойдории насли инсон мебошад.

"Мутаассифона, ба назар мерасад, ки барои пош хӯрдани оила ҳарду тараф - ҳам мард ва ҳам зан айбдоранд. Пеш аз ҳама, бояд ҳар як модар ба хотири ояндаи дурахшони фаразандаш ӯро ҳам аз ҷиҳати ҷисмониву ҳам ақлонӣ ба ҳаёти оилавӣ омода кунад. Ҳамин холигоҳи тарбия дар як гуруҳ духтарони ҷавон ба он боис шудааст, ки вақте онҳо ба ҳаёти оилавӣ қадам мегузаронад, аз оддитарин маданияти рӯзгордорӣ бехабаранд. Ҳамин ноогоҳӣ ва бетасаввурот будан аз гардишҳои рӯзгору пасту баландиҳои он боис ба моҷароҳои доманадор дар оилаҳо ва парокандашавии онҳо гаштааст. Аз шумораи зиёд шудани ҷудошавии оилаҳо равшан маълум мегардад, ки таваҷҷуҳи ҷомеа ба ин масъалаи муҳим кам шудааст. Маълум мешавад, ки пеши роҳи кам кардани ин мушкилоти иҷтимоиро дар якҷоягӣ метавон гирифт. Ташкили оилаи солим ва интихоби дурусти ҳамсар яке аз мавзуҳои муҳим ба шумор меравад. Падару модар бо ҳазор умеду орзу фарзандро ба воя мерасонанд ва ба онҳо дуои нек медиҳанд, то оила бунёд кунанду хушбахт шаванд",- чунин меандешад номбурда.

Зимнан, бояд гуфт, ки дар пош хӯрдани оилаҳои ҷавон писарон ҳам гунаҳгоранд. Зеро, баъзе аз рӯйи ғурур ва бархе аз лиҳози надоштани саводи ҳуқуқӣ хурдтарину ночизтарин баҳсҳои хонаводагиро таҳаммул намекунанд ва барои вайрон шудани пойдевори оила роҳ мекушоянд.

Равоншинос: Келин ғулом нест!



Равоншинос Маҳмудшоҳ Кабирӣ оид ба масоили ҷудошавии оилаҳои ҷавон ва сатҳи пошхӯрии оилаҳо дар кишвар чунин мегӯяд: "Пошхӯрии оилаҳо сабабҳои зиёд дорад. Мутаассифона, то ҳол мутахассисон роҳи ҳалли онро мечӯянд. Яке аз сабабҳои пошхӯрии оилаҳои ҷавон - ин барвақт ба шавҳар додани духтарон мебошад, зеро онҳо ҳоло дар ин синну сол ба оиладорӣ омода нестанд. Дар афкори мо ҳоло ҳам чунин ақидаҳое вуҷуд доранд, ки келинро баъди ба хонаи шавҳар омадан, ҳамчун "ғулом" истифода мебаранд. Ба ақидаи онҳо, бояд тамоми хизмати хушдоманро келин ба анҷом расонад. Духтаре аз оилаи сарватманд келин шуда меояд, вале баъди чанд моҳи зиндагӣ аз сабаби мувофиқ наомадан ба муҳити хонаи шавҳар аз ҳам ҷудо мешаванд. Афсӯс, ки чавонон баъди ҷудо шудан баъд ба мо - равоншиносон мурочиат мекунанд. Ҳатто баъзе аз онҳо баъди ҷудо шудан аз ҳамдигар ба ҳолати бади руҳиву равонӣ ва асабоният гирифтор мешаванд. Қаҳру ғазаб, кинаву нафрати хушдоман нисбати келин низ сабабгори ҷудошавии оилаҳои ҷавон мегардад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 50 дар сади пошхӯрии оилаҳои ҷавон - ин аз шароити иқтисодии онҳо мебошад".

Оила макони муқаддас аст

Ҳанӯз соли 2015 Роҳбари давлат дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии мамлакат таъкид карда буданд, ки "ҷомеаи солим аз оилаи солим ва насли солим ташаккул меёбад". Ҳамчунин, шуруъ аз соли 2015 ҳамасола дар Тоҷикистон 15-уми май Рӯзи оила ҷашн гирифта мешавад. Ҷудошавии оилаҳо яке аз мушкилоти асосии ҷомеаи имрӯзаи кишвар аст. Албатта, ба пуррагӣ намешавад аз пошхӯрии оилаҳо пешгирӣ кард. Вале бо пурзӯр кардани суҳбату воҳӯриҳо, баланд бардоштани сатҳи огоҳии мардум ва таълиму тарбияи насли наврас метавон бекор кардани ақди никоҳро коҳиш дод. Дар ин маврид киҳо бояд масъулият эҳсос кунанд? Албатта, пеш аз ҳама зану шавҳари ҷавон. Онҳо бояд ҳатто то оиладоршавӣ маълумоти лозима оид ба сатҳи умумии зиндагии мардум, яъне иҷтимоиёт дошта бошанду равандҳои иҷтимоиро таҳлилу муқоиса карда тавонанд. Дигар, волидони духтару писар бояд бо ҳамдигар муносибати некбинона дошта бошанд ва чунин муносибатро ба фарзандонашон талқин намоянд. Ҳамзамон, корҳои фаҳмондадиҳӣ аз ҷониби намояндагони Кумитаи кор бо занон ва оила дар ҳамкорӣ бо руҳониёни кишвар пурқувват карда шаванд. Зеро, тавре шоҳидем, сухани руҳонӣ барои тарбияи насли нав таъсири зиёд дорад. Инчунин, судҳо чун ҷузъи институти иҷтимоӣ бояд ҳангоми баррасии баҳсҳои оилавӣ, ки хеле ҳассосанд, пурандешаву дақиқкор бошанд. Марказҳои машваратӣ бояд мушовирони хубе дошта бошанд, ки тавонанд бо маслиҳатҳои хеш роҳи ҳалли мушкилоти оилавиро ба тарафи мусбат савқ диҳанд. Дар сурати қаноатбахш будани ин амалҳо, дастрасӣ ба устувории оилаҳо осонтар мегардад.

Устувории оилаҳо аз дӯстдориву муҳаббат ва тарбияи дурусти насли наврас сарчашма мегирад. Танҳо муҳаббату ҳамдигарфаҳмӣ аст, ки мустаҳкамии оиларо нигоҳ дошта метавонад.



Машраби АЛОВИДДИН

ПОШХӮРИИ ОИЛАҲО ДАР ХАТЛОН

Дар 4 моҳи соли 2022 – 1317

Дар чор моҳи соли 2021 – 1005

НАТИҶА:

1527 кӯдак зиндаятим;

1485 кӯдак дар тарбияи модар;

42 кӯдак дар тарбияи падар.



БОХТАР

БА ҚАҲРАМОНИ ТОҶИКИСТОН ҶОЙИ МУНОСИБ ЁФТ НАШУД?



Дар шаҳри Бохтар ҳайкали Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуровро дар ҷойи назарногир, дар саҳни як коргоҳи дӯзандагӣ ҷой додаанд, ки муносиб ба ин шахсияти таърихӣ нест. Бисёре аз сокинони шаҳр аз ин тасмими мақомот норозӣ ҳастанд.

Наход дар як шаҳри калон ҳайкали устод Бобоҷон Ғафуров ҷойи муносиб наёфта бошад? Аз муовини раиси шаҳр дар ин маврид пурсон шудем. Номбурда гуфт, ки ин тасмими қаблан гирифташуда буд.

Чанд сол қабл ҳайкали Бобоҷон Ғафуровро дар дасташ китоби “Тоҷикон” дар паҳлуи ҳукумати шаҳр гузошта буданд, вале симои он ба чеҳраи устод монандӣ надошт. Барои ҳамин он ҳайкалро тахриб карда, ба ҷояш ҳайкали нав сохтанд. Ин тасмим сокинони шаҳри Бохтарро хурсанд кард, вале вақте онро дар ҷойи назарногир гузоштанд, димоғи аксарият сӯхт.

Дар партави аз ҷониби пешвои миллат туҳфа шудани “Тоҷикон” ба ҳар як хонадон, агар ҳайкали Бобоҷон Ғафуров дар ҷойи арзандаи шаҳр гузошта шавад, нуран алонур мешавад.

А. САЪДУЛЛОЕВ,
шаҳри Бохтар

КОСАЛЕСОН

Дар дунё мисли миллати тоҷик халқи аз лиҳози зарбулмасалу мақол сарватманд шояд набошад. Вале мақолу зарбурмасалҳо, ки баъзеяшон бо киноя гуфта шудаанд, аз як гӯши мардум медарояду аз дигараш мебарояд.

Зарбулмасалу мақолҳо хислати халқро нишон медиҳанд. Барои мисол, яке аз зарбулмасалҳоро дида мебароем.

Аз он рӯзе, ки дунёро
бино карданд.
Савоби косалесонро
ҷудо карданд.

Ин мақолро муллою махсумҳо, эшонзодаҳо сохтаанд. Вақте дар табақҳои калони чӯбин ба назди ҳоҷию мулло, хатиб, эшонзодаҳо дар тӯю худоӣ, дигар маъракаҳо шӯрбою сағалҳои сергӯшту серравғанро меоранд, муридон дар табақчаю лаъличаҳо онҳоро назди хоҷаҳо мегузоранд. Саллакалонҳои бологузари дастархон як-ду нола аз шӯрбо мегиранду чун занбӯр ё дурусттараш, чун пашшаи хира ба сағалҳо мечаспанд. Дар як они чашмзанӣ аз гӯшту пӯст осоре намемонад. Ва сар мекунад ба вазъи биҳишти косалесон. Муридони бечора низ табақҳоро дубораю панҷбора лесида, худро дар биҳишт тасаввур мекунанд. Барои ҳамин аст, ки муллою ҳоҷию эшонҳо сурху буқу бузбалааанду косалесон мурмачингу лоғару рангпарида...

Аҷабо, ҳоло ҳам шумораи косалесон мисли замбӯруғи баъди раъду барқу борони найсон замину замонро гирифтаааст. Чаро?

Нурулло ҲАСАНОВ,
рӯзноманигор



ТОҶИКДУХТАР - СЕНАТОРИ АВСТРАЛИЯ

Аввалин бор дар таърих бонуи тоҷик Фотима Паймон сенатори парлумони Австралия, яке аз кишварҳои қудратманди минтақа ва ҷаҳон мешавад.

Фотима Паймон - тоҷикдухтари афғонистонӣ дар Австралия сенатори ин кишвар интихоб гардид. Шабакаҳои иҷтимоӣ нахуст навиштанд, ки Фотима аз табори ҳазораҳост, вале худи ӯ дар саҳифаи твиттериаш навишт, ки аз тоҷикони Афғонистон мебошад.

П. ҚУРБОНЗОДА



“ШОҲНОМА” НЕСТ. ЧАРО?

Чандест, ки дар мағозаҳои фурӯши китоб “Шоҳнома”-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ кампайдо аст. Ҳафтаи равон мо аз мағозаҳои китобфурӯшии назди нашриётҳо ва дигар марказҳои фурӯши китоб дар пойтахт дидан кардем, вале ҷилдҳои мукаммали "Шоҳнома"-ро пайдо накардем.

Дар мағозаҳои нашриёти “Адиб” фақат ҷилдҳои 7, 8, 9, 10 мавҷуд аст, вале ҳар касе, ки хоҳад "Шоҳнома" хонад, ҳатман аз ҷилди аввали он оғоз мекунад. Барои посух гирифтан ба суоли “Чаро дар мағозаҳо "Шоҳнома" нест?” ба нашриёти "Адиб" мурочиат кардем. Мудири бахши адабиёти классикии нашриёт Муҳтарам Ҳотам ба суоли мо чунин посух дод: “Шоҳнома” дар Тоҷикистон хеле кам чоп шудааст. Бори аввал соли 1987 дар 9 ҷилд ва дуюм аз соли 2007 дар 10 ҷилд дар силсилаи "Ахтарони адаб". Лекин “Шоҳнома”, “Маснавии маънавӣ" ва осори Саъдиву Ҳофиз серхаридоранд ва бояд пайваста нашр шаванд”. Муҳтарам Ҳотам хабар дод, ки ба наздикӣ мунтахаби “Достонҳои "Шоҳнома" бо теъдоди 1000 нусха нашр гардид, вале он матни комил нест.

Ба Вазорати фарҳанги кишвар ва нашриётҳои тобеи он пешниҳод менамоем, ки "Шоҳнома" - ин ҳаммосаи бузурги миллиамонро аз нав бо теъдоди зиёд ва нархи дастрас нашр кунанд.

Идибеки САИД,
донишҷӯ

НИГАРОНӢ

ЗАМИНҲО ДАР АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ ФУРӮ МЕРАВАНД.

Давоми даҳ соли охир дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ беш аз 132 гектар замин дар натиҷаи фурӯравӣ ва омадани сел аз гардиши кишоварзӣ берун шудааст. Ин ҳам дар ҳолест, ки ин ноҳия 180 ҳазор ҷамъият дорад ва шуғли асосии онҳо кишоварзӣ аст.

Иброҳимзода Турахон, раиси Кумитаи идораи замини ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ дар суҳбат бо Pressa.tj гуфт, ки каму беш дар даҳ сол майдони 132 гектар замин фурӯ рафтааст. Ба гуфтаи ӯ, дар як қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз декабри соли 2021 омадааст, ки заминҳое, ки дар асоси офатҳои табиӣ фурӯ рафтаанд, аз гуруҳу намудҳои заминҳои корами обӣ, чарогоҳ, маҳали аҳолинишин ва хоҷагиҳои ёрирасони шаҳрвандон ба дигар гуруҳу намуди замин гузаронида шаванд.

“Дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ оби зеризаминӣ баланд аст. Ҳамчунин, заминҳо асосан сафедхоканд, ки дар андак зиёд будани намӣ фурӯ мераванд. Ноустувории хок зиёд аст”,- афзуд ӯ.

Дар ҳамин ҳол, Намоз Элмуродов, сармуҳандиси Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ дар суҳбат гуфт, ки “мо ҳамасола мувофиқи нақша заҳбуру заҳкашҳоро тоза мекунем. Вале ноҳия аз сатҳи дарёи Вахш бамаротиб поинтар ҷойгир аст ва заҳкаши кам надорад”. Ӯ мегӯяд, ки бо вуҷуди ин бо боридани андак борони сахт сел меояд.

- Танҳо дар баҳори соли 2021 се маротиба ва як маротибаи дигар як ҳафта пеш сел омада буд. Дар натиҷа селроҳаҳо маҳкам шуда, канал ва заҳкашҳо аз лой пур мешаванд, ки ин кори моро мушкилтар мекунад. Тоза кардани каналу заҳкаш аз лой бе хароҷот намешавад. Техникаи муосиру махсус ҳам надорем. Вале талош мекунем ҳама мушкилиҳо марҳила ба марҳила бартараф шаванд,- меафзояд мавсуф.

М. АЛОВИДДИН




ҒОФИЛОБОД БОЗОРИ ПИЁЗРО ТАНЗИМ МЕКУНАД?

Даҳ соли охир сокинони деҳаи Ғофилобод, ки дар панҷкилометрии ноҳияи Муъминобод воқеъ аст, ба парвариши пиёз машғуланд. Маҳз онҳоянд, ки ин қадар сол нархи пиёз дар бозори ноҳия аз 2-3 сомонӣ боло намеравад.

Мирзо Зуҳуров, Талбак Мирзоалиев, Ғоиб Зоҳиров, Раҳматшо Давлатшоев, Назар Зуҳуров, Ҳанифамо Ғуломова, Анварбӣ Шарифова, Худойназар Гадоев, Ширинмо Алиева пешқадамони пиёзпарварӣ ҳастанд. Як худи апаи Ҳарамгул Сатторова аз 50 сотих заминаш то 40 тонна пиёз мегирад. Пиёзҳои калон-калони ӯ зуд талабгор меёбанд. Дар Муъминободу Кӯлоб аслан пиёзи мавзеи Чаргӣ шуҳрат дошт. Аз ҷиҳати маззаю лаззат, ширинӣ, муддати дароз истоданаш ҳамто надорад. Махсусан, таоми миллии шакароб бо ин навъи пиёз хеле болаззат мешавад. Деҳқонон онро даста карда, дар ҳавоза мегиранд ва он то моҳҳои апрелу май нигоҳ дошта мешавад.

Деҳқононе ҳастанд, ки сол фақат аз парвариши пиёз то 150-200 ҳазор сомонӣ даромади соф мегиранд. Агар даҳ сол пеш дар Ғофилобод ҳамагӣ се нафар ба пиёзкорӣ шуғл меварзиданд, имрӯз сафи онҳо ба 80 нафар, дар ноҳия ба 240 нафар расидааст. Соле ба бозорҳои наздику дур деҳқонон то 2 ҳазор тонна пиёз мебароранд.

Н. ҲАСАН,
ноҳияи Муъминобод



МАЙИ НОБИ ТОҶИКӢ

Чӣ тавр онро дар шароити хона омода мекунанд?

Ҳукумати Тоҷикистон бо судури як қарор таҳти рақами 180 иҷозат дод, ки сокинон аз ангур 30 литр, аз намудҳои дигари мева 30 литр ва аз бутгамева 30 литр, дар умум 90 литр машрубот ва нӯшокиҳои спиртӣ омода кунанд. Барои истеҳсоли ҳамин миқдор машрубот сокинон аз пардохти аксизӣ озоданд.

Ангури Тоҷикистон

Дар Тоҷикистон минтақае нест, ки навъҳои гуногуну лазизи ангур напазад. Танҳо дар соли 2021, мувофиқи маълумоти Раёсати растанипарварӣ хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ҷамоавии ҷумҳурӣ бештар аз 238 ҳазор тонна ангур ҷамъоварӣ намудаанд. Бо як калима, ҳосили ангур дар кишвар фаровон аст. Содироти ангур низ ба хориҷи кишвар омори назаррас дорад. Дар соли 2021 аз ҷумҳурӣ 51,2 ҳазор тонна ангур ба хориҷ бароварда шудааст.

Дар баробари токзорҳои калон сокинон дар ҳавлиҳояшон низ ниҳоли ток доранд, ки ҳосили фаровон медиҳад.

Бархе аз сокинони кишвар дар баробари омода кардани мураббову мавиз машрубот низ омода мекунанд. Ҳарчанд истеъмоли шароб ё виноро на ҳар як сокини кишвар ба худ иҷоза медиҳад, вале омодакунандагони он байни сокинон кам нестанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2017 шаробкашӣ ва майпазиро барои шахрвандон иҷоза доданд. То ҳамин сол сокинон барои истеҳсоли то 30 литр машрубот аз андози аксизӣ озод буданд.

Ангур бояд нағз пухта бошад

Шаҳноз Раҳматова, ки омода намудани вино барояш машғулияти дӯстдошта аст, мегӯяд, шаробпазиро аз падараш омӯхтааст. Нахуст ба падар дар омода кардани он ёрӣ мерасонд ва ба гӯшаи хаёлаш ҳам намеомад, ки рӯзе барои худ ва шавҳараш ин машғулиятро “ҳоббӣ” интихоб мекунад.

“Тақрибан чор сол пеш ҳосили ангур хело зиёд шуд. Нахуст ба ҳамсояву хешон тақсим кардам. Вақте ба падарам шикоят кардам, ки боқимондаро намедонам чӣ кор кунам, маслиҳат доданд, ки вино омода кунам”,- нақл мекунад вай.

Ҳамин тавр, акнун ин бону машрубот омода мекунад.

Асрори асосии винои хуштаъмро Раҳматова дар меваи хуб пухта расида медонад ва таъкид мекунад, ки “пеш аз ҳама бояд ангур нағз пухта бошад”.

Шаҳноз ҳамроҳи шавҳараш нахуст ангурро дона карда мешӯянд ва сипас ба коркарди он шуруъ мекунанд. Онҳо асосан аз зарфҳои шишагини 10-литра истифода мебаранд. Ба қавли худашон, таносуби маҳсулотро тахминан андохта, бо мизони чашм бармекашанд.

“Хамира қариб ду ҳафта мечӯшад, газ мебарорад. Сипас обпало мекунем. Чӣ қадар бисёртару хубтар поло кунем, ҳамон қадар шароб соф мебарояд”,- мегӯяд бону.

Шаҳноз бар он аст, ки ба шароб метавон шакар ҳамроҳ кард, аммо ба он винои хушк, яъне бидуни шакар ва каме туршак маъқул аст.

Ба қавли шаробпаз, винои сурхро ӯ танҳо аз ангури сурх ва сиёҳ тайёр мекунад ва маззааш бойтар аст. Ҳамчунин, дар ин намуди вино моддаҳои муфид зиёданд.

“Мо спирт ҳамроҳ намекунем, зеро ба қавли шавҳарам, он маззаро вайрон менамояд. Дар ин ҳолат май 11-12 дараҷа мешавад”,- қайд мекунад Раҳматова.

Дар таҳхонаи Шаҳноз даҳҳо литр шароб меистад. Вай мегӯяд, ки “ҳамаи онро наметавон нӯшид”. Ба қавли бону, агар аз ин нӯшокии “мамнуъ” дуруст истифода кунанд, касеро майзада нахоҳад кард, балки танҳо метавон аз он лаззат бурд. Ғайр аз ин шаробро метавон дар ошхона барои мулоиму лазиз пухтани гӯшт истифода кард.

“Умуман, он бештар як ҳадяи хуб аст. Шавҳарам бо дӯстонаш мехӯрад, ба бародаронаш медиҳад. Дар Абхозистон ба ҳар нафаре, ки аз дарашон медарояд, вино мерезанд, нишонаи эҳтиромашон аст. Ин маънои онро надорад, ки онҳо майзадаанд. Афзун бар ин, байнашон дарозумрҳо зиёданд”,- меафзояд зан.

“Агар хоҳиш дошта бошед, дар даҳ литр хамира як пиёла ё 200 грамм спирт, шакар ва маҳлули ковоккунанда меандозед. Агар винои ширин хоҳед, шакар ҳатмист”,- таъкид мекунад вай.

Мавлуда ба шароби сурх анор ҳамроҳ мекунад. Винои сафедро чанд маротиба тагшин мекунад. Сипас ба колбаҳои 20-30-литра андохта, дар таҳхона нигоҳ медорад.

Тағйири ҳарорат лозим нест

Диловар Маҳмудов, марди 39-сола низ асрори майи лазизро дар ҳарорат медонад. Вай таъкид мекунад, ки “вино тағйири ҳароратро дӯст намедорад, барои ҳамин ман тамоми раванди шаробпазиро дар таҳхона мегузаронам”.

Диловар ангурро намешӯяд, вай мегӯяд, дар донаҳои ангури ношуста хамиртуруши истифода бурд”.

Диловар мегӯяд, ки он тарафи коркарди нӯшоба аз хоҳиши ҳар шахс ва ангуре, ки истифода шуд, вобаста аст: аз шакар то туршии мева.

Маҳмудов бошад, дар 11 литри шарбати ҳосилшуда 2 литр об ва 2 кило шакар омехта мекунад. “Об бояд бе ягон моддаи иловагӣ, ҳатто ноҷӯшида бошад”,- таъкид мекунад вай.

Мард маслиҳат медиҳад, ки обро дарҳол омехта кунед, аммо шакарро ба ду қисмат тақсим намоед - як килоашро андохта, килои дигарашро ба як сӯ гузоред.

Сипас колбади шишагиро гирифта, хамираро мерезем, аммо пур намекунем, зеро он туршкуниро давом дода, метавонад кафад.

Ҳамин тавр, шишаҳоро бо болопӯши муҳраи обдошта пӯшонида, ба ҷое мегузорем, ки ҳарорааташ 22-28 дараҷа бошад. Маҳз дар ҳамин дараҷа шароити



АГАР АЗ ШАРОБ ДУРУСТ ИСТИФОДА КУНАНД, КАСЕРО МАЙЗАДА НАХОҲАД КАРД, БАЛКИ ТАНҲО МЕТАВОН АЗ ОН ЛАЗЗАТ БУРД. МИСОЛ ДАР АБХОЗИСТОН БА ҲАР НАФАРЕ, КИ АЗ ДАРАШОН МЕДАРОЯД, ВИНО МЕРЕЗАНД, НИШОНАИ ЭҲТИРОМАШОН АСТ. ИН МАЪНОИ ОНРО НАДОРАД, КИ ОНҲО МАЙЗАДААНД...

Офтоб - кафили майи хуб

Мавлуда Рафиева, бонуи 50-сола сирри омодагии шаробро дар нури офтоб медонад. Зан баъди дона карда шустани ангур онро ба бочкаҳо ҷо карда, дар офтоб мегузорад. Дохили зарф бояд зич бо ангур пур шуда бошад ва даҳонаш низ сахт пӯшида бошад.

“Хамираро то нағзакак турш шудани ангур зери офтоб мегузорем. Расидани онро ҳангоми кушодани даҳони зарф аз бӯйи туршиаш мефаҳмед. Сипас ангури дохили бочкаро нағзакак ҷафида, обашро аз думча ҷудо мекунем”,- мегӯяд хонум Мавлуда.

Ӯ як бори дигар ангурро ба халта андохта, боз обашро мегирад. Сипас нӯшобаро боз ба зарфҳо андохта, се рӯзи дигар зери офтоб мегузорад, то тагшин шавад.

бии ҳаст, ки минбаъд ҳангоми туршшавии ангур нақш мебозад. Афзун бар ин, ба қавли ӯ, ангурро аз ток дар рӯзи офтобӣ бояд канд.

“Агар борон шуда бошад, барои кандани ангур саросема нашавед. Чанд рӯзи дигар дар ҳавои офтобӣ гузоред”,- маслиҳат медиҳад ӯ. Маҳмудов нахуст оби ангурро месиқонад. Вай мегӯяд, ки барои ин метавон роҳҳои гуногунро истифода бурд. Аз ҷумла метавон аз гӯштқиммакунак, шарбатфишурак, ҳатто агар зиёд бошад, метавон аз тачҳизоти сангмайдакунак истифода бурд.

“Шарбати ҳосилшударо ба зарфи мувофиқ - шишагин, сирдор, пӯлодӣ ё пластик андохта, 4 рӯз мегузорем, то турш шавад”,- таъкид мекунад вай.

Ӯ ҳар рӯз хамираи дохили зарфро омехта мекунад. Сипас оби ангурро аз пӯсташ ҷудо менамояд: “Он пӯстро боз метавон хуб барои турш шудани хамиртурушҳо, ки дар натиҷа шакарро ба спирт табдил медиҳанд, фароҳам меояд. Раванди туршшавӣ ҳудуди 3 ҳафтаро ташкил медиҳад. То ин муддат, баъди 10 рӯз боқимондаи шакарро илова мекунем.

“Баъди се ҳафта нӯшокиро аз таҳшинаш ҷудо карда, ба ҷои нисбатан салқин, аз 10 то 16 дараҷа ҷой медиҳем, баъди 2-3 моҳ боз тагшин мешавад, боз ҷудо мекунем, муҳлати навбатии тагшиншавӣ ду ҳафтаро ташкил медиҳад, баъди як моҳи дигар боз тагшинашро ҷудо мекунем, ҳамин тавр то соли нав шароби лазизе омода мешавад”,- мегӯяд вай.

- Акнун метавон аз майи омодасохта нӯши ҷон намуд,- мегӯяд Диловар Маҳмудов ва меафзояд, ки барои омода шудани винои хушлаззат ақаллан ним сол лозим аст.

Фарида БОБОҶОНОВА

ВАҲДАТУ ҲАМДИГАРФАҲМӢ

- кафили гулгулшукуфоӣ



Раъно ҲОШИМЗОДА,
раиси шаҳри Гулистон

Рӯзи Ваҳдати миллӣ барои тоҷикону тоҷикистониён рӯзи муқаддас ва санаи таърихиву сарнавиштсози баҳамоиву оштии миллӣ, сулҳу суботи комил ба шумор рафта, асоси рушди соҳаҳои хоҷагии халқи кишварро дар таърихи навини давлати соҳибистиқлоламон тачассум мекунад.

Ваҳдат - ин бехтарин неъмат, ҳаёти инсон, орзуву армон, таҳкими давлат, нақоти миллат, рушд ва нумуи даврони инсон дар ҳар замону макон аст. Ба шарофати ин мафҳум ҳамдилии халқи тоҷик мавриди омӯзиши созмонҳои бонуфузу ташкилотҳои байналхалқӣ ва давлатҳои алоҳида қарор гирифтааст. Маҳз ба шарофати ҳамин неъмати бузург мо ба ҳам омаду пойдориву ягонагии мардумро устувор карда тавонистем.

Ҳар фарди худогоҳу меҳанпарасти Тоҷикистон ва кулли ҳаммиханони бурунмарзӣ бояд аз ин дастоварди нодир ифтихор дошта бошанд. Зеро, дар сарзамине, ки алайҳи душманони муғризаш ҷангзада гардида буду бародар хуни бародарашро мерехт ва нобоваривву ноумедӣ руҳияи инсониро фаро гирифта, ин сарзамини ҳамешабаҳорро ба як биёбони бебутта табдил дода буд, барқарор гардидани пояи сулҳу ваҳдат, оромиву осоиштагӣ боиси аз байн бурдани ин ҳама ноумедиҳо гардид.

Дар Тоҷикистони азиз бо шарофати заҳмату ҷонбозиҳои хастагинопазири фарзанди фарзонаву бохирад, оқилу сарсупурдаи миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 27-уми июни соли 1997 навбаҳори гулфишон доман паҳн карда, ба ҳадди бузург пояҳои Ваҳдат мустаҳкам гашта, барои боварӣ ба ояндаи нек устуворӣ бахшид. Ин буд, ки мо тавонистем бо муттаҳид сохтани неруҳои сиёсӣ, таъмин кардани ризоияти ҷомеа истиқлолияти давлатӣ ва тамомияти арзии кишварамонро ҳифз кунем ва бо сарҷамъии мардуми Тоҷикистон дар пояи бахшишу сулҳу оштӣ Ваҳдати миллиро таъмин намоем.

Ваҳдат барои мо номаи тақдири миллат, омили рушди босуботи мамлакат, кафили иқболу саодати халқу ҷамъият аст. Воқеан, ваҳдату истиқрори сулҳи поянда бузургтарин дастоварди миллати мо дар замони соҳибистиқлолӣ ба шумор меравад.

Ифтихори мо бештар аз он аст, ки бо ин амал аз асолати фитрӣ ва рисолати таърихии худ ба ҷаҳониён дарак дода, собит намудем, ки алорағми ҳамагуна ғаризаҳо миллати тоҷик метавонад аз имтиҳони сангини таърих гузашта, роҳи беохирашро идома бахшад.

Мусаллам аст, ки ваҳдат, сулҳу осоиш ва ба имзо расонидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ кори саҳлу осон набуд. Дар ин раванд роҳи басо душвор ва пурпечутобро пушти сар кардан лозим омад.

Раванди муттасили музокироти байни тоҷикон бо мақсади пойдории сулҳ дар кишвар, хотима бахшидан ба амалиётҳои ҷангӣ, ҳалли мушкилоти гурезаҳо ва таъмини ризоияти миллӣ маҳз бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оғоз шуд.

Дар ин марҳила, оғоз аз 5-уми апрели соли 1994 бо миёнравии Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Москва вохӯрии нахустини ҳайати ҳукуматӣ бо намояндагони мухолифин доир гардид. Дар навбати аввал масъалаҳои марбут ба хотима додани амалиёти ҷангӣ, андешидани тадбирҳо доир ба барқарорсозӣ ва таҳкими ҳусни тафоҳум, бозгашти бемамониат ва бехатари гурезаҳо ба Ватан мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Дар марҳилаҳои навбатии музокирот дар шаҳрҳои Теҳрон ва Исломобод консепсияи оташбас бо дарназардошти ақидаҳои изҳоргардида мавриди муҳокимаи муфассал қарор гирифта, муҳлати амали Созишнома оид ба қатъи амалиёти ҷангӣ тамдид гардид.

Марҳилаҳои навбатии музокирот дар шаҳри Ашқобод доир гардида, дар таърихи гуфтушуниди миёни тоҷикон бо номи даври бетанаффус ворид шуд. Дар зермарҳилаи якуми даври бетанаффус Протокол дар бораи принсипҳои асосии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид.

Қобили тазаккур аст, ки бидуни мавҷуд будани душвориҳо дар раванди музокироти Ашқобод, нуқтаи назари тарафҳо рочеъ ба муаммоҳои мубрам, аз қабили иҷрои Созишнома дар бораи оташбас, дароз намудани муҳлати фаъолияти миссияи СММ ва Комиссияи муштарак оид ба назорат аз болои оташбас, баргардонидани гурезаҳо бо ҳамдигар хеле наздик буданд.

> **ВАҲДАТ БАРОИ МО НОМАИ ТАҚДИРИ МИЛЛАТ, ОМИЛИ РУШДИ БОСУБОТИ МАМЛАКАТ, КАФИЛИ ИҚБОЛУ САОДАТИ ХАЛҚУ ҶАМЪИЯТ АСТ.**

Моҳи октябри соли 1996 дар шаҳри Теҳрон гуфтушунид миёни гуруҳҳои кории Ҳукумати Тоҷикистон ва намояндагони ИНОТ оғоз ёфт. Ҳадафи асосии ин вохӯрӣ таҳия намудани санаде буд, ки мебоист се гуруҳи масъалаҳоро фаро мегирифт: дароз кардани муҳлати оташбас, табодули асирони ҳарбӣ ва маҳбусон, роҳҳои ҳамкории мухолифин бо Ҳукумати Тоҷикистон.

Сипас, 23-юми декабри соли 1996 дар шаҳри Москва аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари мухолифин созишномае ба имзо расид, ки мутобиқи он тарафҳо уҳдадор шуданд, ки ҳама гуна музокиротро то 1-уми июли соли 1997 ба анҷом расонанд. Ҳадафи асосии ин созишнома қатъи ҷанги граждани дар ҷумҳурӣ буд. Қисми асосии созишномаро протокол дар бораи вазифаҳо ва ваколатҳои асосии Комиссияи оштии миллӣ (КОМ) ташкил менамуд.

Дар натиҷа пас аз гуфтушунидҳои сесола 27-уми июни соли 1997 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, роҳбари мухолифон ва намояндаи махсуси котиби Генералии СММ Герд Дитрих Меррем дар шаҳри Москва ба Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ имзо гузоштанд.

Ин таҷрибаи таърихӣ дар баробари саодати бебаҳо бахшидан ба миллат, ҳамчунин намунаи роҳи расидан ба сулҳ, ба Ватан баргардонидани садҳо ҳазор гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ аз ҷониби созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ, давлатҳои алоҳида ҳамчун падидаи нодир эътироф шуда, мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтааст.

Ҳанӯз дар ҳамон давра собиқ Муншии умумии СММ Кофи Аннан вобаста ба ин масъала ибрози андеша намуда, қайд кардааст, ки «Тоҷикистон ба бисёр мамлакатҳо дар бобати яктарафа кардани ихтилофоти дохилӣ ибрати беназир нишон дод. Ба фикрам, ин саҳми Тоҷикистон ба таърихи эҷоди сулҳ аст».

Барои Ваҳдате, ки тоҷикон аз ҷодаи хештаншиносӣ ба он расидаанд, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гузаштҳои зиёд карданд. Маҳз бо ташаббуси наҷиби ватандӯстонаи Пешвои миллат сатҳи зиндагии мардуми тоҷик боло рафт, бунёди иншооти хурду бузург, шоҳроҳҳову нақбҳои азимҷусса, ободонии шаҳру деҳаҳо, корҳои ободонӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ дар сатҳи ниҳоят баланд ба роҳ монда шуданд. Гузоштани чандин пайкараҳои бузургони халқи тоҷик, таҷдиди биноҳои Китобхонаи миллӣ, осорхонаҳои ҷумҳуриявии таъриху кишваршиносӣ, донишгоҳу муассисаҳои таълимии замонавӣ, бунёди мақбараҳо, боғу чойхонаҳо, таъмиру бунёди роҳҳо ва сохтмони неругоҳҳои обии баркӣ ва мавриди бахрабардорӣ қарор гирифтани онҳо далели ин гуфтаҳост.

Ҳамчун зан - модар изҳори назар менамоям, ки дар ҷодаи расидан ба ин неъмати бебаҳо саҳми занони нексиришту покдомани тоҷик низ бебаҳост. Занону модарони тоҷик бо хислати таҳаммулпазирӣ, сулҳпарвариву сулҳдӯстӣ аз рисолати азалии хеш оқилона истифода бурда, дар лаҳзаҳои басо тақдирсоз сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти давлатро дастгирӣ намуда, зиндагии осоишта, сулҳу субот ва Ваҳдати миллиро аз хусумат ва ҷангу хунрезӣ болотар дониста, ин дастгирӣ барои пойдор гардидани сулҳу субот ва Ваҳдати миллӣ омили асосӣ гардид. Зеро занон худ сарчашмаи шафқату меҳрубониянд ва аз азал бештар ваҳдатхоҳу машъалафрӯзи дӯстӣ ва ҳамбастагӣ мебошанд. Ҳам дар хонадону ҳам дар ҷомеа посбони бошарафи амониву оромӣ, боиффату дурандеш буда, дар ҳама давру замон дар хонавододу ҷомеа калиде ҳастанд, ки дар пешбурди ҷомеа нақши асосӣ доранд. Хушбахтона, дар он рӯзҳои гирудори бесарусомониҳо занону модарон ба унвони такягоҳ ва оромишдиҳандаи хонавода нақши муҳиме бозида, баҳри расидан ба Ваҳдати миллӣ талошҳо намуданд.

Мехостам таъкид намоям, ки маҳз ба шарофати Ваҳдати миллию истиқрори сулҳ ободию осоиштагии миллати сарбаланди мо фароҳам гардида, гӯшаҳои дурдасттарини мамлакат ба гулистон табдил ёфта истодаанд. Шаҳри Гулистон низ, ки ба яке аз шаҳрҳои саноатию сайёҳии Ватани азизамон табдил ёфта истодааст, ба шарофати ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ сол то сол рушд мекунад. Танҳо дар се соли охир бо мақсади истиқболи сазовори Ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар шаҳр 221 адад иншооти таъиноти гуногун мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд.

Дар партави дастуру супоришҳои Сарвари давлат ба хотири сазовор пешвоз гирифтани Ҷашни 25-солагии Ваҳдати миллӣ ва 30-солагии Иҷлосияи тақдирсози 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нақша дорем, ки имсол боз 6 адад корхонаҳои саноатӣ ва чандин бинову иншооти ҳаётан муҳимро мавриди истифода қарор диҳем.

Дар ниҳоят, бо таманнои он, ки пояи сулҳу осоиштагӣ дар сарзамини ҳамешабаҳорамон ба ҳадди бузург мустаҳкам гашта, шодиву фараҳи ҳамешагӣ Ваҳдати миллиро фарогир бошад, барои хурду бузурги Ватани азизамон ин ҷашни пурифтихори миллиро шодбош гуфта, барои ҳар як хонадони тоҷику тоҷикистонӣ сулҳу субот, амнияту сарҷамъиро таманно дорам.

ЗОИРОНИ ДУЧАРХАСАВОР БА ХОНАИ ХУДО РАСИДАНД

Се нафар шаҳрвандони Тоҷикистон, ки бо дучарха барои адои маросими ҳаҷ раҳсипор гардида буданд, иҷозаи идомаи сафар гирифта, ба зиёрати макони муқаддаси ислом шарафёб гардиданд.

Онҳо зиёда аз ду ҳафта дар Дубай қарор дошта, аз ноумедӣ барои баргаштан ба хона билетҳои ҳавопаймо ҳам харида буданд, вале дар лаҳазоти охир иҷозаи ворид шудан ба Арабистони Саудиро пайдо карданд. Фақат онҳоро зарур омад, ки давоми роҳро бо мошин тай кунанд, то аз оғози адои маросими ҳаҷ дер намонанд. Онҳо дучархаҳоро ба мошин бор карда, аз Абу-Даби ба роҳ мебароянд ва бо тай кардани 500 км ба сарҳади Арабистони Саудӣ мерасанд. Дар он ҷо ба мошини дигар нишаста, то Эр-Риёз ва сипас то шаҳри Эт-Таиф мерасанд. 100 км роҳи боқимондаро зойирин бо дучарха тай мекунанд.

Ёдрас мекунем, ки се нафар шаҳрванди Тоҷикистон - Диловар Ғафурови 37-сола, Саидалӣ Назарови 31-сола ва Абдушокир Талабови 34-сола барои адои маросими ҳаҷ бо дучарха ба Арабистони Саудӣ раҳсипор шуданд. Вале чун ба Дубай расиданд, кишвари Саудӣ додани раводидро бароямон рад кард. “Албатта, мо ба муъҷиза умедвор будем, лекин то охир бовар надоштем, ки орзуямон ҷомаи амал мепӯшад”, - иброз дошт Диловар.



Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Варзоб, курорти
"Хоҷа-оби-Гарм",
осоишгоҳи "Сароб"

Тел: (+992) 934-11-11-11
E-mail:sarob@info.tj



БА «САРОБ» РАФТА, АЗ НАВ ҶАВОН ШУДАМ!

Ҳар сол бо фаро расидани фасли тобистон ҳар нафаре, ки тамоми сол бо меҳнати зеҳниву ҷисмонӣ машғул аст, барои баровардани хастагии ҷисму ҷони худ макони зеборо меҷӯяд, ки ҳам табобатӣ бошаду ҳам фарогатӣ. Ман ҳам муддати 30 сол аст, ки муаллимаи донишгоҳ ҳастам. Нафароне, ки дар муассисаву таълимгоҳҳо кору фаъолият кардаанд, то кадом андоза душвор будани касбу кори моро хеле хуб медонанд. Чанд сол аст, ки ният ба ягон осоишгоҳ ба истироҳат рафтанро доштам, вале ҳеҷ имкон даст намедод. Имсол фарзандону келинҳоям маҷбур маро ба осоишгоҳи номдори “Сароб” фиристоданд.

Ростӣ, бори аввал аст, ки ба “Сароб” омадам ва аз рӯзи аввал мафтуни табиати ин мавзеъ ва осоишгоҳ гаштам. Маҷмааи фарогатии ”Сароб” дар яке аз мавзеҳои зеботанзари Тоҷикистон дараи Варзоб дар баландии 2000 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир будааст. Сароб аз ду комплекс: меҳмонхона ва табобатгоҳ иборат буда, ҳар нафар худро дар ин ҷо хеле роҳат эҳсос мекунад. Азбаски дар меҳмонхонааш фитнесу дигар хизматрасониҳои замонавӣ ба роҳ монда шудааст, ман низ дар қатори дигарон аз Wi-Fi Интернет ва телевизиони моҳворагӣ бе малол истифода бурда, бо набераву фарзандонам ҳар бегоҳ гап мезадам.

Дар ҳудуди маҷмаа, аз обҳои табобатии гарм, ки аз чашмаҳои куҳӣ ҷорӣ шуда, дар таркибаш моддаҳои шифобахш, намакҳои минералӣ ва микроэлементҳо дорад, истифода бурдан мумкин аст.

Азбаски солҳои зиёд аз дарди миён азият мекашам, аз ваннаҳои радонӣ ва ҳавзҳое, ки дар утоқҳои махсус ҷойгир шуда, оби гарму табобатӣ доранд, истифода бурда, хеле роҳат намудам.

Бо тавсияи табибони ҳамин осоишгоҳ, ки ҳар нафари ба ин ҷо омадаро аз ташхис мегузаронанд, ман низ табобати физиотерапӣ аз қабили парафин, озокерит, гидромаҳс, маҳси дастӣ гирифтам.

Боз чизи дигаре, ки дар ин осоишгоҳ ба ман хеле писанд афтод, ин хӯрокҳои болаззати миллӣ ва аврупоии ошхонаи осоишгоҳ буд.

Ман аз “Сароб” бо нерӯи баланду табъи болида ба хона баргаштам ва ба ҳамкорону нафароне, ки дар ҷустуҷӯи осоишгоҳи хуб ҳастанд, “Сароб”-ро тавсия додам. Бовар кунед, “Сароб” дар ҳақиқат макони истироҳат ва табобати бофароғат аст!”

ОРИФИ СУХАНВАР

Бахшида ба 70-солагии руҳонии шинохта ва суханвари беҳамто Ҳоҷӣ Исмоил Пирмуҳаммадзода

Худоё! Ҳеҷ гумон намекардам, ки чунин донишманду орифи беназир, фарди хайрхоҳу равшанзамир, шахсияти накӯному барӯманд, фарзанди худогоҳу банангу ори миллат, марди майдони шарафу ифтихор Махдуми Ҳоҷӣ Исмоил Пирмуҳаммадзода ба ин зудӣ моро тарк мегӯяд…

Ду рӯз қабл аз рехлати ҷонгудозашон бо эшон дар махфили фарҳангии «Боргоҳи сухан» ҳамроҳ будем. Чун ҳамеша бо ҳарорат, бо сеҳри сухан, бо қироати ашъори баланд ва таъбиру тафсири он толорро тасхир намуданд. Ғазалеро аз ғазалистони Лисонулғайб Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ бо овози буррову садои марғуладори худ, бо дарки баланди маъниву ҳикмати он, қироат намуда, маъниҳои қуръониву малакутии онро ба аҳли толор шарҳу тавзеҳу таъбир намуданд.

Шаб аз мутриб, ки дил
хуш бод вайро,
Шунидам нолаи
ҷонсӯзи найро...

Дар он махфили унс, ки бо ташаббуси фарзанди шуҳратёри миллат Бӯрӣ Карим ташкил шуда буд, бисёр донишмандону равшанфикрон, аз ҷумла сафири ҶИЭ дар Тоҷикистон ҷаноби оқои Муҳаммад Тақии Собирӣ ва шоири маъруфи Эрон Алиризо Қазва иштирок доштанд. Аз суханрониву ғазалхонии Махдуми Исмоил дар назди меҳмонони оликадр ифтихор ва шукр кардем, ки Худованд чунин марди оқилу фарзонаро насиби миллати мо гардонидааст...

Бегоҳи ҳамон рӯз ин ҳайати меҳмонони иззатманд бо даъвати банда ба тамошои намоиши «Пайкари миллат» ба театри Лоҳутӣ ташриф оварданд.

Дар анҷоми тамошо меҳмononи ифтихорӣ ба рӯи саҳна баромада, бо самимият ва ихлоси бепоён доир ба намоиш ва ҳусну қубҳи он сухан ронда, қаҳрамонони асосии асарро бо туҳфаҳо (баргузидаи достонҳои «Шоҳнома» ва пайкараармуғони хурди Фирдавсӣ) сарфароз гардониданд. Чун он рӯз рӯзи ҷаҳонии бузургдошти Абулқосим Фирдавсӣ буд, Махдуми Исмоил бо қироати шоҳбайтҳо аз шоҳасари назми ҷаҳонӣ - «Шоҳнома»-и безавол рухи Ҳакими Тӯсиро шод гардонида, бо ҳикмату сеҳри гуфтори худ меҳмонон ва аҳли толорро ба ҳайрат гузоштанд.

Ҳамзамон аз он ки дар намоиши «Пайкари миллат» шеъре аз барномаи мавъизаҳои эшон дар мавзуи бузургӣ ва паҳнои ҷуғрофии забони дарӣ (шеъри Ибни Батута) истифода шуда буд, хеле изҳори шодиву қаноатмандӣ карданд ва бо арзи сипос муаллиф ва иҷрокунандаи нақшҳои асосии асар Ибодулло Машрабро марди қавл (бо таъбири русӣ «мужчина слова») номиданд. Зеро Ибодулло Машраб пеш аз таҳияи намоиш Ҳоҷӣ Исмоилро бо матни асар



ошно сохта, барои чандин саҳнаҳо фикру мулоҳизаи эшонро пурсида буд. Истифодаи шеъри Ибни Батута пешниҳоди Махдум буд. Бинобар ин, Ҳоҷӣ Исмоил бо муҳаббат, бо лутфу зарофати ба худ хос иброз доштанд, ки “бо истифодаи ин шеър, шумо - аҳли эҷоди Театри Лоҳутӣ, маро қарздор кардед”. Баъдан ҳамон шеърро бо ҳассосияту ҳаяҷони хоса, бо ифтихори баланди миллӣ, бо садои қавию марғуладори хеш басо ҷолибу мутантан қироат намуданд:

Дарӣ андар Хуросон
парвариш ёфт,
Ки будӣ то ба Чин
Шарқу шимолаш.
Дарӣ ин лаҳҷаи аҳли Хуросон,
Ҳаметобид хуросо ҷамолаш...

Тамошогарон дар толор ва мо ҳамаи иштирокчиёни намоиш дар саҳна моту мафтуни Ҳазрати Махдум ва сеҳри сухани ӯ гашта будем...

Шомгоҳон ба ман занг зада, бо хоксорӣ пурсиданд, ки «оё ман имрӯз дар саҳна зиёдравию пургӯӣ накардам?!». Банда дар посух гуфтам, ки ҳазрат, шеърхониву суханрониҳои ширину пурҳикмати шумо арзиши як намоиши мукаммали театрро дошт. Магар кафкӯбиҳои пурмавҷ нидоҳои пурсурури аҳли толор далели он набуданд?! Сипас, ҳазрат бо лутфу хушнудӣ гуфтанд, ки “ман бо сафири Эрон мувофиқа кардам, рӯзе меҳмони хонаи ман мешавед. Як базми шеъру ғазал меороем...”. Афсӯсу сад дареғ, ки ҳазрати Махдум, он ровию суханвари беҳамто, он азизтарин меҳмон ва ҳусну зеboии махфилҳои фарҳангу адаб худ ба меҳмонии Худо рафт...

Имрӯз дар базму махфилҳои аҳли дил, аҳли зиё ҷойи ӯ холист, бе ӯ ҳусну зеboии маҳофил коста гаштааст. Суханони оташину мавъизаҳои ҳикматбори ӯро дар махфилҳои эҷодии аҳли адаб, аҳли фарҳангу ҳунар дар маросими ҷанозаҳои бузургмардони миллат, аз ҷумлаи устодон Одина Ҳошим, Ашӯр Сафар, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Зафар Нозим, Ҳусейн Насриддин, Муъмин Қаноат, Гулназар, Саидалӣ Маъмур ва ғайраҳо шунидаему ба бузургиву истеъдоди худододаш тан додаем. Солҳои охир танҳо ҳамин мавъизаю сӯгвориҳои ҳазрати Махдуми Исмоил баёнгари қадру қимати аҳли илму ҳунар, аҳли фарҳангу адаб, баёнгари хизматҳои шоёну бедареғ ва ҷойгоҳу мақоми он азизон дар роҳи душвори илму эҷод буданд...

Ҳазрати Махдум ба маънии томаш махдум буданд. Дар роҳи фазлу адаб, дар роҳи ислому шариат, дар роҳи худшиносиву Худошиносӣ, дар роҳи одаму одамият ва шарафу ифтихори инсонӣ бедареғ, бо тамоми ҳастияшон, нерӯву қувваи ҷисмонияшон хидмат мекарданд.

Руҳашон шод бод!

Ортиқ ҚОДИР,
Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон

«ОШИ ДӮСТӢ» ДАР «ПОЕЗДИ ДӮСТӢ»

қаторае, ки баъди 30 сол ба Тошканд расид



Баъд аз сукути тӯлонӣ - 30 сол, дар роҳи оҳани самти Душанбе - Тошканд садои раъдосои поезди мусофирбарӣ баланд шуд. Нахустин поезди Душанбе-Тошканд-Душанбе рӯзи 20-уми июн ба роҳ баромад ва аввалин мусофиронро ба кишвари ҳамсояи Тоҷикистон - Ӯзбекистон бурд.

Саҳни бино ва дохили саристгоҳи роҳи оҳани шаҳри Душанбе он рӯз намои идона дошт. Анбуҳи зиёди одамон ҷамъ омада буданд ва аз ин санаи фаромӯшнашаванда, сафари нахустин дар масири Душанбе-Тошканд-Душанбе, ки бархе зуд ба он “Поезди дӯстӣ” ном гузоштанд, хурсандӣ мекарданд.

Дар маросими ифтитоҳи хатсайри мазкур вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим ва намояндагони Сафорати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Тоҷикистон иштирок намуда, нахуст бо вазъи дохили вагонҳои қатора шинос шуданд. Азим Иброҳим бо иштирокчиёни сафари мазкур суҳбати самимона доир кард. Ӯ таъкид намуд, ки талош доранд дар ин масир ва дигар хатсайрҳо ба самти Ӯзбекистон сафарҳоро тавассути автобусҳо низ ба роҳ монанд. “Дар ин самт аллакай гуфтушунидҳо идома доранд ва бовар дорам, ки мо ин рӯзро ҳам хоҳем дид”,- гуфт ӯ.

Баъдан, вазири нақлиёти кишвар дар ҳузури доираи васеи хабарнигорони дохилӣ ва хориҷӣ аҳамияту манфиати хатсайрҳои мазкурро шарҳ дода, гуфт, ки қабл аз ҳама, ин сафарҳо ба дӯстии амиқ ва хешутаборӣ чонибҳо мусоидат мекунанд.

Зимнан, масъулини КВД “Роҳи оҳани Тоҷикистон” гуфтанд, ки поезд ҳар ҳафта аз шаҳри Душанбе рӯзҳои душанбе соати 18:30 ҳаракат карда, рӯзи сешанбе соати 13:43 ба шаҳри Тошканд мерасад. Поезди мазкур давоми 21 соат дар роҳ хоҳад буд. Рафти ин сафар аз шаҳри Душанбе тавассути шаҳру ноҳияҳои Айнӣ, Турсунзода, Деҳнав, Шурча, Бойсун, Деҳқонобод, Қаршӣ, Мароқанд, Самарқанд, Ҷиззах, Зомин ва Гулистон сурат гирифта, мусофирон соати 13:43 дақиқа ба шаҳри Тошканд мерасанд. Поезд соати 16:15 дақиқа бо ҳамин масир ба шаҳри Душанбе бармегардад.

Баъди дарёфти маълумоти умумӣ дар бораи хатсайр мусофирон савори поезд шуданд ва он ба ҳаракат даромад. Тӯли роҳ ҳама гуфтумонҳо дар боби шароити олии дохили вагонҳои наву муҷаҳҳаз буд. Бисёриҳо лаб ба таҳсину офарин мекушоданд ва маълум буд, ки аз муносибати неки роҳбаладон низ болидаруҳанд. Мушоҳида мешуд, ки баъди таваққуф дар истгоҳҳои поездро зиёд манъ намекунанд ва тартиби тафтиши ҳуҷҷату бағоҷҳо ҳам содда гардидааст.

Ба ҳамин тартиб, поезд аввал Қаршӣ, баъд Самарқанди машҳурро убур кард. Баъди паси сар шудани Самарқанд масъулони тарабхона эълон доштанд, ки имрӯз бародарони ӯзбек барои мусофирон “Оши дӯстӣ” омода намудаанд. Мусофирон дар “Поезди дӯстӣ” “Оши дӯстӣ” тановул кардаву шукр гуфтанд.

Вақте поезд ба истгоҳи роҳи оҳани Тошканд расид, аллакай мардуми зиёд, аз одамони оддӣ сар карда, то намояндагони табақаву идораҳои мухталифи Ӯзбекистон ва сафири Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода интизори пешвозгирии мусофирон буданд. Сафири Тоҷикистон бо мамнуният мусофиронро истиқбол гирифтаву оид ба дӯстиву ҳамкориҳои мардуми тоҷику ӯзбек сухан гуфт.

Пас аз маросими расмии истиқболи мусофирон ҳайати тоҷикистонӣ бо автобусҳо ба тамошои боғи пурсафои Тошканд роҳнамоӣ шуда, баъди сайругашти оммавӣ баргашта ва тариқи “Поезди дӯстӣ” роҳ ҷониби Душанбе пеш гирифтанд.



Вазири нақлиёти Тоҷикистон Азим Иброҳим зимни гусели мусофирон

БА ДИҚҚАТИ МУСОФИРОН:

Бояд гуфт, ки поезди мусофирбар аз 10 вагон - 4 вагони купе, 5 платскарт ва вагон-тарабхона иборат аст. Вагонҳои нави автоматишуда истеҳсоли Украина мебошанд. Дар дохили вагон лавҳа (табло)-и иттилоотӣ дар бораи рӯз, ҷадвал, хатсайр, ҳарорати ҳаво дар дохили вагон насб шудааст. Дар як вагони купе то 54 мусофир сафар карда метавонанд. То истгоҳи роҳи оҳани Кудуклӣ (120-километрии ғарби Душанбе) дар қаламрави Тоҷикистон поезд 6 маротиба таваққуф мекунад: Душанбе-2, Айнӣ, Ҳисор, Чептура, Регар, Пахтаобод. Дар ҳар кадоме аз ин истгоҳҳо поезд муддати 3 дақиқа ва танҳо дар истгоҳи Регар 40 дақиқа таваққуф мекунад. Арзиши билети поезд бо назардошти тахфиф вобаста ба муҳлати фурӯш аз 381,476 сӯм (ҳудуди 373 сомонӣ) оғоз мешавад.



Сафири Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода мусофирони поезди нахустинро пешвоз мегирад



"Оши дӯстӣ" дар "Поезди дӯстӣ"

Фазлиддин АСОЗОДА, f.asozoda@pressa.tj





ИСТЕҲСОЛИ СЕМЕНТ КАМ ШУД. ЧАРО?

Дар Тоҷикистон истеҳсоли семент коҳиш ёфтааст, вале мақомоти кишвар сабаби ин тамоюлро шарҳ надодаанд.

Аз Вазорати саноати кишвар хабар медиҳанд, ки дар панҷ моҳи соли равон дар кишвар беш аз 1 миллиону 649 ҳазор тонна семент тавлид шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 наздик ба 155 ҳазор тонна ё 8,6% камтар аст. Сабабҳои кам истеҳсол шудани семент дар кишвар аз сӯйи мақомот шарҳ дода нашудааст.

Дар маҷмуаи оморӣ барои содироти семент сутуни алоҳида мавҷуд нест. Семент ба гуруҳи маҳсулоти маъданӣ дохил мешавад, ки он инчунин маъдан, консентрат, маҳсулоти нафтӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Қаблан хабар дода шуда буд, ки дар солҳои қаблӣ ҷумҳурӣ ҳар сол беш аз 1,5 миллион тонна семент содирот мекард. Ин масолеҳи сохтмонӣ асосан ба кишварҳои ҳамсоя - Афғонистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон содирот мешуд.

Бояд гуфт, ки ҳоли ҳозир дар Тоҷикистон 16 корхона ба тавлиди ин мавод машғуланд. Иқтидори солонаи онҳо дар маҷмуъ 5,6 миллион тонна маҳсулотро ташкил медиҳад.

Истеҳсолкунандагони асосӣ ҶДММ "Ҷунтай Моҳир" ва ҶДММ "Хуаксин Ғаюр Семент" дар Ёвон, инчунин "Хуаксин Ғаюр (Суғд) Семент" мебошанд.

Ёдовар мешавем, ки соли қаблӣ дар кишвар беш аз 4,2 миллион тонна семент тавлид шуда буд. Тибқи омор, ҳамасола ҳудуди 1,5 миллион тонна аз ҳаҷми умумии маҳсулот ба кишварҳои ҳамсоя содир мешавад.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

СЕ ОРЗУИ АМАЛИНАШУДАИ ХУДОЙ ШАРИФЗОДА

Агар умр вафо мекард, 25-уми июни соли равон донишманди тоҷик, профессор Худоӣ Шарифзода 85-сола мешуд. Дар маҳфиле, ки бахшида ба ин сана дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баргузор гардид, зубдаи илми суханшиносии кишвар ёди марҳумро карданд: ҳам аз тангдастиаш гуфтанд, ки монеи кораш мешуд ва ҳам аз орзуҳои амалинашудааш...



Умр вафо накард

Ба гуфти бародари Худоӣ Шарифзода Абдуғаффор Шарифзода, марҳум се орзу дошт, ки барои ичрои онҳо ачал имкон надод. “Якум, мехостанд, ки дар бораи Носири Хусрав як асари мукаммал нависанд. Ҳарчанд қаблан ду китобашон доир ба Носири Хусрав нашр шуда буд, вале қонеъ набуданд. Мегуфтанд, ки қасидаҳои ӯ ҳанӯз таҳлили адабиётшиносӣ нашудааст. Дуюм, орзу доштанд, ки чопи комили девони Ҳусомии Хоразмиро бубинанд, ки солҳо интизори нашр аст. Як қисмати ин китоб дар Эрон ба табъ расид, орзуи нашри комили онро дар Тоҷикистон доштанд. Сеюм, мехостанд китобе роҷеъ ба Аҳмади Дониш нависанд”,- гуфт номбурда.

Худоӣ Шарифзода солҳои охири умр ба Аҳмади Дониш таваҷҷуҳ дошт. Чун саломатӣ имкон намедод, то дар бораи ин маорифпарвари номвар асар нависад, аз пайвандонаш хоҳиш кард, ки ба рассоме портрети ӯро фармоиш диҳанд. Чун портрет омода шуд, онро дар ҳуҷраи кориаш овехт...

“Мегуфтанд, ки барои худшиносии миллии мардуми тоҷик дар шароити кунунӣ омӯзиши афкори 4 бузургвор муҳим аст:- Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Дониш ва Айнӣ...”,- ба ёд меорад Абдуғаффор Шарифзода, ки худ пажуҳишгари фалсафа ва корманди Институти фалсафаи Академияи улуми кишвар аст.

Ним аср интизори нашри китобҳо

Абдуғаффор Шарифзода, ки дар маҳфили бахшида ба 85-солагии бародараш ошкоро суҳбат мекард, гуфт, тангдастӣ имкон надод, ки Худоӣ Шарифзода корҳои бузургро ба сомон расонад: “Эшон менавиштанд, вале нашри китобҳо тӯл мекашид”. Ба гуфти ӯ, нашри асарҳои Худоӣ Шарифзода гоҳо то 50 сол таъхир шудааст.

“Рисолаи “Ташаккули афкори адабӣ дар асрҳои X-XI”, ки соли 1970 таълиф шуда буд, танҳо соли 2017, яъне баъди 47 сол нашр шуд. Китоби “Балоғат ва суханварӣ”-ро нашриёт ним-му нимкора, бо ихтисори зиёд чоп кард. Сарнавишти “Ҳамосаи шоҳон дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ” низ чунин шуд. Беш аз 20 сол нашри китоб тӯл кашид. Дастхати як китобашон дар нашриёт пурра гум шуд. Китоби дарсии “Таърихи адабиёти тоҷик”-ро (аз қадим то асри XIII), ки соли 2017 чоп шуд, надиданд...“,- афсӯс хӯрд Абдуғаффор Шарифзода.

Чаро Шарифзода академик нашуд?

Худоӣ Шарифзода дар радифи Абдунабӣ Сатторзода, Аълохон Афсаҳзод ва Раҳими Мусулмониён яке аз пояҳои илми суханшиносии тоҷик буд. Ӯ муҳимтарин масоили назария ва таърихи адабиёти тоҷикро ба таҳқиқ гирифта, доир ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии адабиётшиносӣ, ба мисли назария ва поэтикаи шеъри форсӣ-тоҷикӣ, назария ва таърихи таҳаввули насри форсӣ-тоҷикӣ, зиндагинома ва мероси адабии симоҳои барҷастаи адабиёти қарнҳои миёна, назарияи жанрҳо ва шаклҳои адабӣ, робитаҳои адабӣ таҳқиқоти мондагор таълиф кард. Дар пажуҳишҳои Худоӣ Шарифзода аз ҷумла ҷараёнҳои мазҳабиву фикрӣ ва таъсири он ба адабиёт, навоварӣ ва суннат мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар бахши нақди адабиёти муосири тоҷик чӣ дар назм ва чӣ дар наср хеле фаъол ва муваффақ буд. Бо вучуди эътироф шудани асарҳояш дар кишварҳои ҳамзабон ва қадрдонӣ гардидан ба ҷоизаҳои муътабари байналмилалӣ, раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ӯро ба узвият напазируфт.

Профессор Фарангис Шарифзода, духтари ин донишманд мегӯяд: “Бори нахуст раёсати Академияи илмҳо ба ҷонибдории номзадии падарам раъй надоданд. Бори дуввум падарам худашон нахостанд ба узвият пазируфта шаванд. Вале вақте ба узвият пазируфта шуданд, мутаассифона, иқтидору нерӯе, ки барои ҷомеа битавонанд саҳм гузоранд, надоштанд. Ҳавсала ҳам надоштанд, чун вазъи саломатиашон ҳам хуб набуд".

Куллиёти 12-ҷилда

Муҳимтарин навгонии нишасти бахшида ба 85-солагии Худоӣ Шарифзода муаррифии тарҳи куллиёти 12-ҷилдаи олим аст, ки онро профессор Мисбоҳиддини Нарзиқул муаррифӣ кард. Кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултаи филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти роҳбарии ӯ ба ичрои ин амр камари ҳиммат бастаанд.

Тарҳи куллиёти Худоӣ Шарифзода чунин аст: Дар ҷилдҳои 1, 2 ва 3 маҷмуан 224 мақолаи пажуҳишии устод (забон, адабиёт, фарҳанг, мақолоти энсиклопедӣ, методӣ ва ғайра, муқаддимаи муфассал), дар ҷилди 4-ум тақризу китобиёт, пешгуфторҳо, ёднома ва 3 мақолаи то кунун номатбуъи устод, дар ҷилдҳои 5, 6, 7 рисолаҳои “Ташаккули афкори адабӣ дар асрҳои X-XI”, “Мақоми Ибни Сино дар шеъру адаби тоҷик”, монографияи устод “Назарияи наср дар адаби форсии тоҷикӣ” ва баргардони русии он - “Теоретические вопросы прозы в таджикско-персидских письменных памятниках”, рисолаҳои “Каломи бадеъ”, “Ҷилои ситораҳо”, “Савти Ачам”, дар ҷилдҳои 8, 9, 10 асарҳои “Ҳакими суханвар”, “Шоҳнома” ва шеъри замони Фирдавсӣ”, “Рози ҷаҳон”, “Достонҳои бузурги “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ”, “Ҳамосаи шоҳон дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ”, дар ҷилди 11 се китоби дарсии устод: “Балоғат ва суханварӣ”, “Назмшиносӣ”, “Таърихи адабиёти тоҷик”, дар ҷилди 12 мунтахаби тарҷума ва баргардонҳо ва силсилаи тақризу лексия ва фишурдаҳо ҷо карда хоҳанд шуд.

Ҳамчунин, ишора шуд, ки барои нашри куллиёт ҳанӯз масъалаи маблағгузорӣ норӯшан аст.

Одил
НОЗИР,
o.nozir@pressa.tj

МАРШАЛИ АФСОНАВӢ

Зи мардони ҷаҳон мардӣ биомӯз!



Маршал Константин Рокосовский инсони бисёр поквиҷдон, хоксор ва бо дӯстон садоқатманд гузаштааст. Дар бораи рафтору кирдори Рокосовский қиссаҳои бисёре вуҷуд доранд. Чанде аз он қиссаҳоро аз китоби «Одаму олам»-и доктори илмҳои тиб, полковники ҳарбӣ, мудири кафедраи эпидемиологии ДДТТ ба номи А. Сино Сафари Одина пешкаши шумо мекунем.

Сигоркашӣ дар ҷанг

Замоне, ки дар мавзеи «Курский дуга» ҷанги сахт мерафт, баъзе қисмҳо ба ақибнишинӣ роҳ медиҳанд. Рокосовский бо сардори ситод аз хандақ берун баромада, дар майдони ҷанг боҳузур ва бепарвоёна сигор кашида, суҳбат мекунанд. Афсарони рӯ ба гурез оварда ин аҳволро дида, бо дили пур, бо нидои «урра»... ба пеш медаванду оқибат ғолиб меоянд.

Ғурури Маршал

Замони ҳукмронии Хрушёв дар яке аз маъракаҳои сатҳи баланд, ки дар Кремл мегузашт, нафаре барои Никита Сергеевич суханҳои дабдабанок гуфта, хоҳиш мекунад, ки ҳама ба ӯ ҳамроҳ шуда, қадаҳ бардоранд. Рокосовский ва боз як генерали дигар қадаҳҳоро болои миз гузошта, наменӯшанд.

Садоқати Маршал

Рокосовский ҷонишини вазири мудофиаи СССР шуда кор мекард. Рӯзе ӯро ба ҳузури Хрушёв даъват мекунанд. Ӯ Маршалро бо табассум қабул карда, аёрона дарди дил мекунад.

- Костя!,- бо қиёфаи чиддӣ суханашро оғоз мекунад Хрушёв,- Сталин чӣ қадар мардумро кушт, ба маҳкама андохт. Ҳатто шумо ҳам лар маҳбас азобу уқубат кашидед. Имрӯз вақти он расида, ки инро ба халқ гӯем, шумо ба муқобили ин золим дар анҷуман пас аз ман баромад карда, ӯро хуб сиёҳ кунед. Рокосовский ҳамон замон қиёфааш дигар шуда, мегӯяд:

- Ман ҳеҷ гоҳ муқобили онҳое, ки дар ҷанг ҳамроҳ будам, аз афсари оддӣ то генералсимус, яъне Сталин, сухани паст нахоҳам гуфт, чунки онҳо ҳама қаҳрамонанд. Вақте рӯзи дигар ба кор меояд, аллакай дар дафтари кориаш шахси дигар менишаст...

Эҳтиром ба Сталин

Дар мардуми Қафқоз ҳамин хел расм ҳаст, ки вақте дар маърака дар мавриди шахси муайян нӯшбод мегӯянд, сухангӯ қадаҳашро аз соҳибҷашн каме поён нигоҳ медорад. Ин рамзи эҳтиром аст. Боре Сталин дар бораи Рокосовский сухан гуфта, ин расмро такрор кардан шуда, қадаҳашро аз қадаҳи Рокосовский паст кардан мешавад, аммо Рокосовский инро қабул накарда, аз нав қадаҳашро аз қадаҳи Сталин пасттар медорад. Ҳамин тавр, онҳо то расидан дар сатҳи фарш ин корро такрор мекунанду дар охир Рокосовский Сталинро маҷбур месозад, ки қадаҳаш аз қадаҳи ӯ дар боло бошад.

Рокосовский нисбат ба Сталин эҳтироми хоса дошт, ҳар замон садоқату вафодорияшро исбот мекард.

Чаро Хрушёв маршал нашуд?

Вақте ки ба Никита Сергеевич Хрушёв рутбаи маршалӣ доданӣ мешаванд, аз рӯи қоида бояд ҳамаи маршалҳо дар зери фармон имзо мегузоштаанд. Вале Рокосовский имзои худро зери ин фармон намегузорад. Ҳамин тавр, Хрушёви ҳавобаланд бе рутбаи маршалии СССР мемонад.

Таҳияи
Иззатбеки ИДИЗОД

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ ...

НИЁЗ ДОРЕМ

► Ширкати “Ариана Туннел Садд” кормандони зеринро дар НБО-и “Роғун” ба кор даъват менамояд: коргари қаторӣ, ронандаи миксер, ронандаи мошини боркаш, ронандаи мехлопата, ронандаи булдозер-экскватор. Маош шартномавӣ. Тел: 989-99-14-09, 989-99-14-33, 989-99-13-10, 989-99-13-51.

► Дар литсейи хусусии “Эҳсон”-и ноҳияи Сино омӯзгор аз фанни математика, забонни модарӣ, забони русӣ, англисӣ ва синфи ибтидоӣ лозим аст. Собиқаи корӣ на камтар аз 5 сол ва маъмулоти олӣ дошта бошад. Музди меҳнат шартномавӣ. Тел: 981-08-16-54, 988-22-44-54.

► Ба завод дар ноҳияи Фирдавсӣ фавран ронандаи борбардор лозим аст. Рӯзи пурраи корӣ. Таҷрибаи корӣ на кам аз 1 сол. Маош шартномавӣ. Тел: 93-793-70-99.

ОМӮЗИШ

► Дарсҳои иловагӣ барои синфҳои аз 1 то 4. Тел: 987-53-45-75.

МЕХАРЕМ

► Холодилникҳо, кондитсионерҳо, телевизорҳо, қолинҳо ва мебел. Тел: 987-83-83-25, 905-10-27-31.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи техникӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи П. Толис 24, ҳуҷраи 8а ба номи Почоев Рауфҷон Маҳпирович, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Нусха аз иқтибос дар бораи бақайдгирии давлатии барҳамдиҳии иттиҳодияи ҷамъияти "Нури Куҳистон", ВАТҶ №0000553, рақами қайди ИҶ-1577, РЯМ: 040045584, РМА: 040045584, ки онро Вазорати адлия додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи литери хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи №1Ш-1633-и гумшуда, ки онро нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ҶТ 05.12 соли 2003 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи 2-юми Каратегин, хонаи 99 ба Каримов Умарали Орифович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотии Ш13263-и гумшуда, ки онро ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2013 ба Ғаниев Ҷумахон додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТО №0047634 бо рақами қайди №164-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи байналмилалии гуманитарӣ 15.07 соли 2008 ба Ҳакимов Икром Холиқович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н. Махсум 72/1, ҳуҷраи 25 ба номи Давлатова Тамара, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми АN№234307-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №97-и ноҳияи Сино соли 1996 ба Абдуллоева Саёҳат Бадриддиновна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ 77, ҳуҷраи 27 ба номи Шарипова Гулрухсор Ҳалимовна, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми Т-ШТА №0064631-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии 54-и ноҳияи Рӯдакӣ 15.06 соли 1997 ба Шарипова Муборак Ҷонибековна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёзадҳуми Т-АТУ №0887318-и гумшуда, ки онро Литсейи филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе 29-уми июни соли 2021 ба Урунбоев Табриз Ҷамшедович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ЖВ-I №137580 бо рақами қайди №1894 ба номи Кенжаев Гулмирзо Боймирзоевич, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти феҳрасти 1М-135, ки санаи 16.07.2011 аз тарафи идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ ба номи Муратов Рахмонали Мустафаевич бо суроғаи хонаи истиқоматӣ воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Баҳористон 27 тасдиқ карда шудааст, бинобар сабаби гум шудан, беэтибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи даҳуми БП №221403-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №25-и ноҳияи Сино соли 1971 ба Разоқова Зухра Караевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартнома оиди ба ҳуқуқи моликият супоридани квартира таҳти феҳрести №8Ш-265-и гумшуда, ки онро нотариуси калони давлатии Идораи нотариалии ноҳияи Сино 27.01 соли 2015 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Деҳи-Боло, бинои 180, ҳуҷраи 7 ба Рахимов Сулаймон Муродович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи туҳфаи квартира бо реестри №9Д-4061-и гумшуда, ки онро нотариуси давлатии ноҳияи Фрунзе 3-юми августи соли 1998 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Клагенфурт, бинои 3/2, ҳуҷраи 43 ба Хакимова Мухаббат Яровна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ШВ №675055 бо рақами қайди №1136-и гумшуда, ки онро Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода 22.06 соли 1993 ба Улугова Шахло Курбановна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми Т-АТА №1218920-и гумшуда, ки онро муасссиаи таҳсилоти миёнаи умумии №80-и ноҳияи Сино соли 2021 ба Алиев Меҳроҷиддин додааст, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Шарипов Фарҳодҷон Абдуманонович, №0364810, РЯМ: 0331384286, РМА: 045147673, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ 31.05 соли 2018 додааст, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Усмонов Маҳмудҷон Мамадҷонович №0218761, РЯМ: 3330028937 аз 17.02 соли 2012, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ аз 30-юми июли соли 2015, №4Ш-342 ба номи Худойназаров Хуршед Аслиддинович, бинобар сабаби гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира бо реестри №8Ш-1-2-875-и гумшуда, ки онро нотариуси калони давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино 02.08 соли 2021 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Ғуломов, хонаи 54/3, ҳуҷраи 6 ба Буланова Светлана Леонидовна додааст, беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ “Анҷи ва КО" №0265631, РЯМ: 0110022349, РМА: 0100978333, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду моҳ қабул карда мешаванд.



Тақвими моҳона



Ҳамал
21.03 - 20.04

Ҳафта барои нафароне, ки мушкилоти судӣ доранд ё қарзашонро сари вақт пардохт карда наметавонанд, душвориҳоро пеш меорад. Мушкилоти дигар рехтани обрӯву нуфузатон аст. Дар бораи худ маълумот ва аксҳоятонро дар шабакаҳои интернетӣ паҳн накунед.



Савр
21.04 - 21.05

Дар ин шабу рӯзҳо бахти худро пайдо месозед ё зиндагии худро куллан тағйир дода метавонед. Ягона чизе, ки боиси хирашавии табъатон мегардад, вазъи нохуби молиявӣ аст. Охири ҳафта даромади пулиро интизор шавед.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Дар ин ҳафта тамоми қуввааву нерӯятонро ба кор равона созед, зеро дар ин самт мушкилиҳо зиёд мешаванд. Дар муносибатҳои ошиқона нофаҳмӣ сар мезанад, агар шумо нармтар бошеду истиҳола намоед, кор ба муноқиша намерасад.



Саратон
22.06 - 23.07

Вазифаи асосии шумо дар ин ҳафта муътадил сохтани мухити хонаводагӣ аст. Фаромӯш насозед, ки оилаи тифоқ тамоми душвориҳоро паси сар месозад. Бо вуҷуди пеш омадани мушкилиҳо, дар ин ҳафта қарз гирифтанро маслиҳат намедиҳем.



Асад
23.07 - 22.08

Муваффақиятҳоятон аз дигарон вобастагии зиёд дорад. Худи шумо барои пешравӣ коре карда наметавонед. Дар ин рӯзҳо ба ҳар нафаре, ки аз шумо кумак мепурсад, дасти мадад расониданро тавсия намедиҳем. Ҳама гуна сафарҳоро ба таъхир гузоред.



Сумбула
23.08 - 22.09

Қабл аз кореро ба анҷом расонидан ё гаперо гуфтан нағзакак андеша намоед. Наздиконатон ба дастгирии шумо ниёз пайдо мекунанд ва ба ғайр аз шумо касе наметавонад аз уҳдаи ин кор ба хубӣ барояд. Ба муноқишае, ки дар коргоҳатон сар мезанад, ҳамроҳ нашавед.



Мизон
25.09 - 22.10

Агар аз пайи мустаҳкам сохтани масунияти бадан нашавед, эҳтимоли бемор шуданатон вуҷуд дорад. Хабарҳои манфиро ба дил наздик қабул накунед, табъи худро хуш гиред ва мушкиле сар намезанад. Мушкилоти пулиро ба таъхир гузоред. Масъалаҳои молиявиро ба шахси бароятон наздик бовар кунед.



Ақраб
23.10 - 22.11

Агар аз тахти дил меҳнат кунед, даромади хуби пулӣ ба даст меоред. Дар баъзе масъалаҳо корчаллонӣ зоҳир кардану гоҳи дигар босабр будanатон лозим аст. Мушкилоти зиёде, ки ба саратон меояд, бо сабаби дигарон сар мезанад. Шуморо ба корҳое ҷалб месозанд, ки ягон алоқамандӣ надоред.



Қавс
25.11 - 21.12

Ташвишу мушкилиҳои рӯзгаратон дар ин ҳафта зиёд мегардад. Агар дар танҳоӣ аз уҳдаи корҳоятон баромада натавонед, аз наздикон кумак пурсед. Аз он ки баъзе масъалаҳои корӣ нотамом мемонанд, рухафтода нашавед. Қавсҳоеро, ки ҷуфти худро пайдо накардаанд, вохӯрии тақдирсоз интизор аст.



Ҷаддӣ
22.12 - 20.01

Аз инфексияҳо эҳтиёт шавед, эҳтимоли зуком шуданатон зиёд аст. Ҳамзамон асабатонро эҳтиёт кунед. Вақте бо нафаре ҳамкорӣ кардан мехоҳед, ба ваъдаҳои ӯ пурра бовар накунед. Бехтараш танҳо ба қувваи худ умед баста, аз асабхаробӣ эмин монед.



Далв
21.01 - 19.02

Вақте расидааст, ки пул ҷамъ кунеду мушкилиҳоятонро рафъ намоед. Агар дар ташвишҳои худ фурӯ равед, сарҳисоби коратонро гум мекунед. Мушкилоти ночизро як тараф гузошта, танҳо фикри кори муҳимтарини худро кунед. Ҳамзамон, дар ин ҳафта ба саломатии худ диққати хоса диҳед.



Ҳут
20.02 - 20.03

Маблағи зиёди худро барои харидани туҳфа ба дӯстдошта ва фарзандон сарф накунед. Фаромӯш насозед, ки ҳеҷ гоҳ пулу туҳфа ҷои меҳрубониву ғамхориро гирифта наметавонанд. Ҳафта барои дилхушиву сарфи маблағ мусоид нест. Нафарони муҷарраднро вохӯрии тақдирсоз интизор аст.

ЗАРДПАРВИН

Аз пайдоиш, пешгирӣ то хатар. Чиро бояд донист?

Мутахассисони тиб мегӯянд, ки аслан, бемории зардпарвин дар фаслҳои тирамоҳу зимистон бештар хурӯҷ мекунад. Ин беморӣ сироятӣ буда, ба ҷигари инсон таъсир мерасонад. Аммо дар фасли тобистон низ зардпарвин ва дигар бемориҳои сироятӣ ба мушоҳида мерасанд.

Гепатит. Мутахассис чӣ мегӯяд?

- Дар илми тиб зардпарвинро гепатит низ ном мебаранд. Ин вирусе мебошад, ки дар таркиби хун инкишоф меёбад,- мегӯяд Мирзошариф Шарипов, мудири шуъбаи бемориҳои сироятии кӯдаконаи Маркази саломатии шаҳрии №1 ба номи Карим Ахмедов.

Бемории зардпарвин вобаста ба сабаб ва тарзи пайдоиш ба чандин навъ ҷудо мешавад. Инҳо зардпарвини ҷигар (паренхимӣ), зардпарвини механикӣ, зардпарвини гемолизӣ (хунобӣ) мебошанд. Зардпарвини ҷигар дар натиҷаи осеби ҳуҷайраҳои ҷигар ба амал омада, раванди ҳосилшуда ва ба рӯда гузаштани билурубин халал меёбанд. Дар натиҷа, ранги наҷосат сафед шуда, пешоб сурхчатоб мегардад. Бемории зардпарвин дар навбати аввал дар пардаи чашм, пардаи луобии ком ва зери забон аён шуда, сипас оҳиста-оҳиста дар пӯст зоҳир мешавад. Ташхиси гепатитҳои вирусӣ дар натиҷаи ташхиси махсуси лабораторӣ, аз ҷумла дар хун пайдо кардани моддаҳои бегона нисбат ба вируси гепатити А, С, Д, Е анигенҳои вируси гепатити В ва моддаҳои бегонаи ба онҳо дахлдор асос меёбад. Гепатити А давраи бемории аз 15 то 30 рӯзро дар бар мегирад. Давраи то зардшавӣ асосан 5-7 рӯз давом мекунад. Ҳарорати бадан то дараҷаи 38-390С баланд шуда, то 1-3 рӯз боқӣ мемонад. Дарди сар, бемадорӣ, эҳсоси хастагӣ, табларза, хоби нороҳати шабона нишонаҳои ин беморӣ мебошанд. Ҳамчунин, ҳиси талхӣ дар даҳон пайдо шуда, баъзан қайкунӣ, ҳисиёти вазнинӣ пайдо мешавад. Ранги пешоб пас аз 2-4 рӯз тағйир меёбад. Дар ин ҳолат ранги пешоб зардчатоби баланд шуда, наҷосат беранг мешавад. Гепатити Е мисли гепатити А чараён мегирад.

Гепатити В дар аксари беморон дар ҳолатҳои вайроншавии кори меъдаю рӯда, пастшавии иштиҳо, баъзан дарди паҳлуи рости қабурға, дилбеҷошавӣ ба назар мерасад. Муддати вазнинии бемор 1-3 ҳафтаро дар бар мегирад. Шифоёбии ин гепатит нисбатан дарозтар буда, 1,5 то 3 моҳро ташкил медиҳад. Дар баъзе ҳолатҳо аз ин беморӣ аломатҳо ба мисли васеъшавии ҷигар боқӣ мемонад.

Аломатҳои бемории гепатити С аз заифшавӣ, камқувватӣ, пастшавии иштиҳо ба мушоҳида мерасад. Дар ин намуди гепатит зардшавӣ ниҳоят суст зоҳир мешавад. Ранги пӯст ба андозаи кам зарчатоб мешавад, ранги пешоб бошад, нисбатан камтар ба назар мерасад. Дар аксарияти бемории гепатит сиррози ҷигар инкишоф меёбад, ки солҳои зиёд онро бояд табобат кард, дар ҳолати сари вақт табобат нагирифтан, он метавонад ба саратони ҷигар мубаддал шавад.



Нигаронии табибон

Тавре Мирзошариф Шарипов дар суҳбат иброз дошт, дар шуъбае, ки таҳти роҳбарии ӯ фаъолият дорад, асосан кӯдакони то 16-сола ба ташхису табобат фаро гирифта мешаванд.

- Шуъбаи гепатитҳои сироятӣ соли 2007-ум бо ташаббуси Раёсати тандурустии шаҳри Душанбе ва директори Маркази тиббии шаҳрии №1 ташкил шудааст. Дар замони шӯравӣ ин шуъба вуҷуд надошт. Гирифторони бемориҳои гепатити сироятӣ дар ҳар ҷо табобат мегирифтанд. Ҳоло дар шуъбаи мо шароит фароҳам буда, беморони гепатитҳои сироятии кӯдакона, хусусан гепатити А, ки он мавсимӣ мебошад, табобат карда мешаванд. Асосан, кӯдакони аз 6 то 18-сола ба ин бемориҳо сироят меёбанд. Баъди ҷавоб шудан низ онҳо таҳти назорати табибон қарор мегиранд,- гуфт номбурда.

- Баъзан волидайн огоҳ намешаванд, ки фарзандашон ба зардпарвин сироят ёфтааст. Ҳатто, дар хона табобат мегиранд ё ба табиби халқӣ муроҷиат мекунанд. Чӣ тавсия медиҳед?,- суол додам ба табиб Мирзошариф Шарипов.

- Аслан, дар шуъбаи мо кӯдакони сироятёфта бо волидайнашон бистарӣ мешаванд. Ба онҳо аломатҳои бемории сироятиро мефаҳмонем. Аломатҳои беморӣ, агар пайдо шаванд, ҳатман ба духтур муроҷиат кунанд, то ин ки бемор фавран бистарӣ карда шавад. Он вақт табобат низ сабук мегузарад.

- Роҳҳои пешгирӣ кадом аст?

- Пешгирӣ кардани ин бемориҳо риоя кардани ҳолати гигенӣ ва санитарист. Волидайн бояд ба кӯдакон аҳамияти ҷиддӣ диҳанд. Тез-тез бо собун дастҳояшонро шустушӯ кунанд. Хӯрокро хуб пазанд. Чунки вақте бемориҳои сироятӣ дар об интиқол меёбанд, ҳангоми ҷӯшонидан маҳв мешаванд.

- Тавсияи шумо баъди табобат чист?

- Меваҷот, аз ҷумла тарбуз, сабзавот, маҳсулоти ширӣ барои зардпарвин дармони хубанд. Инҳо иштиҳоро афзуда, хусусияти пешоброниро зиёд мекунанд. Обчӯш ё чойи мӯяки ҷуворимакка низ барои рафъи варами ҷигар даво аст. Хӯрдани шарбати сабзӣ, обчӯши пудинаю асал бо барги гули қоқу низ чунин фоида меоранд. Ин беморӣ, ки аз таъсири вирус пайдо шудааст, барои атрофиён манбаи сироят мебошад. Аз ин рӯ, шахси бемор ҳатман бояд макони зисти худро аз атрофиён ҷудо намуда, бистарӣ кунонида шавад.

У. НИЁЗОВ

ПАСИ ДАРҲОИ БАСТА

(Аввалаш дар саҳ.3)

Дар ҷараёни мулоқот диққати асосӣ ба вазъи Афғонистон дода мешавад. Қарор аст, ки чораҳои муштарак дар мавриди таъмини амнияти сарҳади Тоҷикистон, пешгирӣ аз вуруди ифротгароҳо аз қаламрави Афғонистон ва тақвияти сохтори низомӣ баррасӣ шаванд",- иброз доштааст Ушаков.

Дар пасманзари сафари Владимир Путин ба Душанбе расонаҳои Русия навиштаанд, ки эҳтимол дар ҷараёни дидори роҳбарони Тоҷикистону Русия масъалаи пайвастани Душанбе ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё баррасӣ шавад. Аммо дар гузориши расмӣ аз мулоқоти Путин ва Эмомалӣ Раҳмон дар ин бора чизе гуфта нашуд. Ҳарчанд Маскав чандин сол боз аз Тоҷикистон даъват мекунад, то ба ин созмони иқтисодӣ ҳамроҳ шавад. Аммо мақомоти Тоҷикистон иброз медоранд, ки пайи омӯзиши суду зиёни пайвастшавӣ ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ҳастанд.

Таҳлилгарон чӣ мегӯянд?

Ҳоло дар ростои сафари Путин ба Душанбе баҳсҳо бештар доман паҳн мекунанд. Ин сафари нахустини хориҷии Владимир Путин аз оғози ҷанги Украина бо Русия ба хориҷи Русия аст.

Ахиран мавқеи кишварҳои узви СПАД, ки аксарашон дар мавзӯи ҷанги Русияву Украина бетарафиро ихтиёр кардаанд, мавриди интиқоди Президенти Чеченистон Рамазон Қодиров қарор гирифт. Қодиров онҳоро ба "беамалӣ" гунаҳгор кард. Изҳороти ӯ баъди он садо дод, ки президенти Қазоқистон Қосимҷомарт Тоқаев дар Форуми байналмилалии иқтисодии Санкт-Петербург гуфт, истиқлоли ҷумҳуриҳои худхондаи "ДНР" ва "ЛНР"-ро эътироф намекунад.

Аммо Андрей Серенко, таҳлилгари рус гуфтааст, ки "сафар ба Тоҷикистон метавонад ҳамчун вокуниши Кремл ба овозаҳо дар бораи дар амалиёти низомии Украина дармондани пойи Русия ва аз даст додани назорат бар минтақаи Осиёи Марказӣ арзёбӣ шавад. Аз ин рӯ, сафари Путинро чун талоши Кремл барои рад кардани ин андешаҳо мешавад шарҳ дод".

Серенко бовар дорад, ки баъди ташаббуси ахири Вашингтон ба ташкили мулоқоте роҷеъ ба Афғонистон, Русия ҳам баррасии масъалаи Афғонистонро муҳим донист. Ӯ дар суҳбат ба "Озодӣ" гуфтааст: "Бовар дорам, чунин мулоқоте Маскавро хушнуд намекунад, ҳарчанд худи онҳо чунин пешниҳодеро ба забон наовардаанд. Ҳоло мо шоҳиди он ҳастем, ки аз сӯе Русия тавассути ВКХ ба Толибон таваҷҷуҳ зоҳир мекунад, аммо аз роҳи сохторҳои интизомиаш ба таври ғайрирасмӣ бо Ҷабҳаи муқовимат дар тамос аст. Маскав имкони бозӣ дар чанд ҷабҳаро дорад".

Таҳлилгари низомӣ Александр Хармчихин мегӯяд, дар шароите, ки Путин дар хоки як кишвари аврупоӣ ҷанг пеш мебарад, таваҷҷуҳаш ба Афғонистон далелҳои худро дорад. Ба назари ӯ, бо ҳадафи пешгирӣ аз эҳтимоли доғ шудани вазъ дар қаламравҳои дигари мавриди назари Русия, имкон дорад, ки Путин аз мақомоти Тоҷикистон тақозо бикунад, то бо Толибон ниҳоят забон ёбанд.

Ӯ афзуд: "Толибон ҳоло рафтори хуб доранд ва нишон додан мехоҳанд, ки ба касе даст расониданӣ нестанд. Аз ин рӯ, Путин шояд бигӯяд, ки бо онҳо созиш кардан мешавад".

Умуман, коршиносони масоили сиёсӣ сафари Путинро ба Душанбе ба ҳар гуна шарҳ доданд. Аммо дар доираҳои бидуни расонаӣ шудани номашон, мегӯянд, ки баъд аз сард шудани муносибати Русия бо Аврупо ва танишҳо бо Украина, Путин мехоҳад дар Осиёи Марказӣ мавқеи калидӣ дошта бошад. Барои ин Тоҷикистон ҳамчун қалби Осиёи Марказӣ ва аз нигоҳи суботу амният таъмин метавонад нақшгузор бошад.



Усмон РАҲИМЗОДА, rahimzoda@pressa.tj

ДАРГУЗАШТИ РӮДАКИШИНОСИ НОМВАР

25-уми июни соли равон дар шаҳри Тирмиз адабиётшиноси номвари тоҷик, доктори илми филология, профессор Аҳмад Абдуллоев даргузашт.



Аҳмад Абдуллоев (таваллудаш 15-уми марти соли 1936) дар деҳаи Бибиширини ноҳияи Бойсун таваллуд шудааст. Хатмкардаи Институти давлатии педагогии Душанбе (1957) буда, дар муҳити Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ба сифати олим ба воя расидааст ва аз соли 1962 то 1988 дар ин даргоҳ фаъолият намудааст. Профессори ДМТ (1988-90) ва мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики ДАТ (1990-96) низ буд. Соли 1996 дар даврони даргириҳои сиёсӣ ба зодгоҳаш баргашт ва то дами марг профессори кафедраи филологияи Донишкадаи давлатии шаҳри Тирмиз буд.

А. Абдуллоев асосан ба пажуҳиши адабиёти форсу тоҷики асрҳои X-XII ва намояндагони барҷастаи он - Рӯдакӣ, Қатрон, Адиб Собири Тирмизӣ, Заҳири Форёбӣ, Анварӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Абулфараҷи Рунӣ ва дигарон машғул шуда, дар ин замина зиёда аз 10 монография ва 200 рисолаву мақолаи илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва илмӣ-методӣ таълиф намудааст. Дар баробари омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти шоирону адибони мазкур, дар навиштаҳои А. Абдуллоев ҷараёни адабии ин қарнҳо, масъалаҳои анвоъ ва услуби шеър, махсусан ашъори ғиноӣ, майлу равияҳои адабӣ, хусусиятҳои иҷтимоии адабиёт, оҳангҳои демократӣ ва оҳангҳои «деҳқонӣ»-и назм, хусусияти адабиёти дарборӣ ва ғайра таҳлилу баррасӣ шудаанд. Бозёфтҳои А. Абдуллоев дар омӯзиши осори Рӯдакӣ, кашфи абёти нав, қасидаи «Фиғония»-и Рӯдакӣ ҷолиби диққатанд. Номбурда дар баробари таҳқиқи ҳаёт ва эҷодиёти як зумра шоирону нависандагон осори онҳоро низ ба табъ расонидааст. Девони комили Адиб Собири Тирмизии омодаи мудааш соли 2001 ба табъ расид ва барои ин кор ӯ ҷоизаи махсуси Президенти ҶИЭ Сайид Муҳаммади Хотамиро гирифт.

Аз охири солҳои 90-и садаи XX Абдуллоев ба омӯзиши масъалаи басо муҳими адабиётшиносии тоҷику ӯзбек - равобити адабии ин ду халқ дар мисоли Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ, Навоӣ ва таваҷҷуҳаш ба ашъори Рӯдакӣ, Анварӣ, Навоӣ ва шоирони Бадахшон машғул шуда, як силсила таълифоти арзишманд ба нашр расонид.

А. Абдуллоев на танҳо муҳаққиқи адабиёти классикӣ, балки пажуҳишгари мумтози адабиёти муосир ва мунаққиди шинохта низ буд. Дар бораи С. Айнӣ, М. Турсунзода, С. Улуғзода, Лоиқ, М. Қаноат, Гулназар, Б. Собир ва дигарон мақолаҳои пурмуҳтаво нигоштааст. "Адиб Собири Тирмизӣ" (1969), "Заҳири Форёбӣ" (1974), "Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII" (1986), "Сабаки Рӯдакӣ" (дар 2 ҷилд, 1984, 1991), "Абулқосими Фирдавсӣ" (1987), "Ин кӯза чу ман ошиқи зоре будаст" (дар бораи Умари Хайём, 1984) "Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ" (2013), "Тасаввуф ва намояндагони он" (2009), "Бисту ду мақола дар бораи Навоӣ"(2014) ва ғайра беҳтарин таълифоти А. Абдуллоев ҳастанд.

Марҳум олими соҳибмактаб буд. Таҳти роҳбарии ӯ 10 нафар рисолаҳои номзадӣ дифоъ намудаанд.

Диловар ҚОДИРПУР, унвончӯйи ДМТ

P.S.

Аҳли қалами ҳафтаномаи "Тоҷикистон" ба мушовири бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, профессор Масрур Абдуллозода нисбати даргузашти падарашон профессор Аҳмад Абдуллоев ҳамдардии амиқ баён мекунанд.

Тақвими ТОҶИКИСТОН

1-УМИ ИЮЛ

ҲОҶӢ ИСМОИЛ ПИРМУҲАММАДЗОДА (1952) – 70-солагии рӯҳонӣ, журналист ва олими Ислом.

МУНИРА ЁҚУБОВА (1932-1984), 90-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

ДАВЛАТМАНД САНГМАҲМАДОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

ҲУВАЙДУЛЛО ҶАЛИЛОВ (1932-1997), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи филология, забоншинос.

КАРИМҶОН ҚОДИРОВ (1952), 70-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор.

2-ЮМИ ИЮЛ

МАЛОҲАТ БОБОҶОНОВА (1952), 70-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

ДАЛЕР АБДУХОЛИҚЗОДА (1937-2004), 85-солагии зодрӯзи корманди театр, коргардони радио, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

ҚУРБОН ВОСИЕВ (1942), 80-солагии зодрӯзи адабиётшинос, файласуф, доктори илмҳои филологӣ, профессор, академик. Корманди шоистаи Тоҷикистон.

3-ЮМИ ИЮЛ

РУСТАМ АЗИЗОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи доктори илмҳои техникӣ, профессор.

ЮСУФҶОН ШОКИРОВ (1947), 75-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

ДОНИЁР НАБИЕВ (1962), 60-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ, профессор.

4-УМИ ИЮЛ

САИДНИСО ҚОСИМОВА (1947), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

ИКРОМ ҚУРБОНОВ (1947), 75-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

5-УМИ ИЮЛ

ЗАФАР НАЗАРОВ (1962), 60-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

МУСАЯТ ШЕРҒОЗИЕВ, 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи таърих.

ИБРОҲИМ ХОҶАЕВ (1947), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

НОСИР НАЗАРОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи доктори илми ҳуқуқ, профессор.

ВАЛИЕВ НУРАЛӢ, (1955) - зодрӯзи адиб.

6-УМИ ИЮЛ

АГРЕПИНА РЖЕВСКАЯ (1897-1966), 125-солагии зодрӯзи аввалин наттоқи радиои тоҷик.

МАЪРУФ ПУЛОДЗОДА (1967), 55-солагии зодрӯзи актёри кино, Ходими шоистаи фарҳаги Тоҷикистон.

7-УМИ ИЮЛ

ТУРДИХОН БЕРДИЕВА (1942-2008), 80-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

ҶУМЪАҚУЛ ҲАМРОЕВ (1947), 65-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

МИРЗОҲАМДАМ ШАРИФОВ (1947), 75-солагии зодрӯзи журналист.

Таҳияи С. ГУЛОВ, Н. БАҲРУЛЛО, кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД.
Тел: 221-00-84

AFC-2022

ЯК МУСОВӢ ВА ЯК ШИКАСТИ КМВА

Дар Минтақаи марказии Ҷоми AFC-2022 ду дастаи Тоҷикистон - «Хуҷанд»-и Хуҷанд ва КМВА-и Душанбе ширкат доранд, ки аввалӣ дар як бозӣ пирӯз шуд, дуюмӣ як мусовӣ карду як шикастро таҳаммул намуд.



Дар бозии нахустинаш дар марҳилаи гуруҳии Ҷоми AFC-2022, барандаи медали биринчии Чемпионати Тоҷикистон - Клуби марказии варзиши артиш (КМВА) бо чемпиони Туркманистон "Олтин Асир"-и Ашқобод мусовӣ (1:1) бозӣ кард. Ҳар ду голро дар ин бозӣ футболбозони дастаи артиш ба самар расониданд. Дар дақиқаи 85-ум ҳамлагари КМВА Элчибек Рашидбеков нохоста тӯбро вориди дарвозаи дастааш кард. Дар дақиқаи 90+3-юм Абдулло Шарифов КМВА-ро аз бохт наҷот дод.

Дар бозии дигари гуруҳи "Е" дастаи "Суғдиёна"-и Ӯзбекистон бар дастаи "Нефтчӣ"-и Қирғизистон бо ҳисоби 2:0 пирӯз шуд.

Дар даври дуюм КМВА-и Душанбе, ки тақрибан тамоми қисми дуюми вохӯриро бо дах нафар бозӣ кард, аз дастаи «Суғдиёна»-и Ӯзбекистон бо ҳисоби 2:3 шикаст хӯрд. Дар ҳайати дастаи шаҳри Душанбе Элчибек Рашидбеков ва Хуршед-Тимур Ҷӯраев гол заданд. Шоҳрӯз Норхонов дар ҳайати «Суғдиёна» ба номаш дубл сабт кард. Як голи дигарро Ҷасур Ҳасанови 38-сола ба самар расонд.

Дар вохӯрии дигари гуруҳи «Е» чемпиони Туркманистон «Олтин Асир» бар «Нефтчӣ» бо ҳисоби 1:0 ғалаба ба даст овард.

Ҳамин тариқ, пас аз ду даври бозиҳо «Суғдиёна» шаш имтиёз ба даст оварда, дар ҷадвали мусобиқа пешсаф аст. «Олтин Асир» 4 хол ва КМВА як хол доранд.

Тақдири ҷойи аввали гуруҳ 30-юми июн паз аз рақобати дастаҳои «Суғдиёна» ва «Олтин Асир» муайян мегардад. Барои баромадан ба даври навбатӣ ба клуби Ӯзбекистон ҳисоби мусовӣ басанда аст, дар ҳоле ки «Олтин Асир»-ро барои идомаи мубориза дар Ҷоми КФО танҳо пирӯзӣ зарур мебошад.

Дастаи «Хуҷанд» дар бозӣ бо дастаи «Копетдоғ»-и Туркманистон бо натиҷаи 3:1 пирӯз шуд. Дар даври дуюм «Копетдоғ» бо ҳисоби 1:0 «Дордой»-и Қирғизистонро шикаст дод. «Хуҷанд» бозии навбатии худро 30-юми июн бо «Дордой» баргузор мекунад.

ТАЭКВАНДО

МЕДАЛИ БИРИНҶИИ МОҲРӮ ҲАЛИМОВА АЗ КОРЕЯИ ҶАНУБӢ

Аз 24 то 27-уми июн дар шаҳри Чунчеони Кореяи Ҷанубӣ Чемпионати таэквандои Осиё баргузор шуд, ки дар он варзишгарони тоҷик ширкат карданд. Дар ин мусобиқа 229 варзишгар аз 33 кишвари Осиё иштирок доштанд.

Аз ҷумҳурии мо Маҳмадҷон Суннатов (63 кг), Муҳамадҳусейн Шомаҳмадов (68 кг), Муҳаммадҳасан Шомаҳмадов (80 кг), Ширин Миршакарзода (49 кг), Муниса Ойматова (53 кг) ва Моҳрӯ Ҳалимова (67 кг) ба Корея сафарбар гардида буданд.

Дар рӯзи охири чемпионат варзишгари тоҷик Моҳрӯ Ҳалимова дар вазни -67 кг миёни бонувон медали биринчӣ ба даст овард. Моҳрӯ муҳорибаро аз даври чорякфинал оғоз карда, бар намояндаи Қатар Марам Фетнасси пирӯз шуд, вале дар нимфинал аз варзишгари Урдун Ҷулиана Ал-Содиқ мағлуб гардида, ҷойи сеюмро гирифт.

Ин медали чоруми Моҳрӯ Ҳалимова дар Чемпионати Осиё мебошад. Ӯ соли 2016 медали нуқра ва солҳои 2018, 2021 медали биринҷии Чемпионати Осиёро ба даст оварда буд.



ФУТБОЛ

ВИТАЛИЙ ЛЕВЧЕНКО ВА НУРИДДИН ДАВРОНОВ АЗ «ИСТИҚЛОЛ» РАФТАНД



Чанде пеш дар ҳайати дастаи маъруфи «Истиқлол»-и Душанбе тағйирот ба амал омад, ки хабарсозтарини он тарки ин клуб кардани мураббии муваффақ Виталий Левченко буд.

Гуфта мешавад, ки дастаи "Истиқлол"-и Душанбе ва мураббии соҳибном Виталий Левченко ҳамкории худро хотима бахшиданд. Ба иттилои дафтари матбуоти клуби шаҳри Душанбе, баъд аз анҷоми муҳлати шартнома ҷонибҳо бо розигии тарафайн онро тамдид накарданд ва дастпарвари футболи Тоҷикистон Виталий Левченко тарки "Истиқлол" кард. Виталий Левченко шуруъ аз соли 2020 сармураббии "Истиқлол" буд, ки тахти роҳбарии ӯ даста чемпиони Тоҷикистон, барандаи Ҷом ва Суперҷоми Тоҷикистон гардидааст. Ҳамзамон, мавсими гузашта "Истиқлол" бо Виталий Левченко дар Лигаи чемпионҳои Осиё дар гурухи худ мақоми аввалро ишғол намуда, ба даври ҳаштякниҳоӣ баромада буд. Дар хабар аст, ки Левченко сармураббии дастаи «Тӯрон»-и Ӯзбекистон таъйин шудааст.

Мутахассиси дигари ватанӣ Алишер Тӯхтаев муваққатан сармураббии дастаи «Истиқлол»-и Душанбе таъйин шудааст.

Ҳамчунин, гуфта мешавад, ки ниммуҳофизатгари даста Нуриддин Давронов ба яке аз дастаҳои машҳури Ҳиндустон - "Муҳаммедан"-и шаҳри Калкутта гузаштааст. Дар ин бора сомонаи расмии дастаи "Муҳаммедан" хабар медиҳад. "Муҳаммедан" дар Лигаи якуми Дивизиони Олии Ҳиндустон баромад мекунад ва варзишгоҳи хонагиаш метавонад то 85 ҳазор ҳаводорро ба ҳам орад. Дар ҳоли ҳозир даста баъди 18 даври рақобатҳо дар ҷадвал зинаи дуюмро ишғол кардааст.



ПАНҶ МЕДАЛИ ВАРЗИШГАРОНИ ТОҶИКИСТОН АЗ БИШКЕК

Чемпионати куштии Осиё миёни наврасон (U-17) ва ҷавонон (U-23), ки 19-уми июн оғоз ёфта буд, ба анҷом расид, ки дар он намояндаҳои Тоҷикистон боз ду медал ба даст оварданд.

Миёни ҷавонон (U-23) дар куштии юнонӣ-римӣ варзишгари тоҷик Асламҷон Азизов дар вазни -55 кг медали нуқра ба даст овард. Азизов дар даври аввал бар Ачай Ачайи ҳиндустонӣ ғалаба карда, дар даври дуюм аз варзишгари Қазоқистон Ерсин Абир шикаст хӯрд. Сипас дар даври сеюм бар варзишгари мизбон Уран Муратбек уулу пирӯз гардид ва дар даври чорум аз намояндаи Ӯзбекистон Ихтиёр Ботиров мағлуб шуд.

Дар куштии тарзи озод Мустафо Аҳмадов дар вазни -70 кг медали биринчӣ ба даст овард. Ӯ дар даври аввал бар Бегиҷон Кулдошев аз Ӯзбекистон, дар даври дуюм бар Каран Каран аз Ҳиндустон ғалаба карда, дар даври сеюм аз Орозобек Токтомамбетови қирғизистонӣ шикаст хӯрд. Сипас, қувваозмоиро дар нимфинал идома дод, вале аз варзишгари Қазоқистон Досжан Ассетов мағлуб гардид ва дар қувваозмоӣ барои ҷойи сеюм варзишгари Туркманистон Арслан Аманмуродовро шикаст дод.

Дар ин мусобиқа варзишгарони мо дар умум 5 медал - 3 нуқра, 2 биринҷӣ ба даст оварданд. Медалҳои нуқраро Суннат Абдуллоев (юнонӣ-римӣ, -65 кг), Муҳаммадамин Абдуллоев (тарзи озод, -80 кг) миёни наврасон, Асламҷон Азизов (юнонӣ-римӣ, -55 кг) миёни ҷавонон сазовор шуданд. Ҳусейн Ҳасанов (юнонӣ-римӣ, -60 кг) миёни наврасон, Мустафо Ахмедов (тарзи озод, -70 кг) миёни ҷавонон медали биринҷӣ гирифтанд.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

ШАКАРХАНД

Майхораи лаванд

Мард ба занаш мегӯяд:

- Занак, ман ин бегоҳӣ бо рафиқам пивонӯшӣ меравем.

Зан дар ҷавоб:

- Ҳа, майлаш, рафтан гир, майхора!

Мард мегӯяд:

- Чаро ман майхора будаам? Охир, чӯраамро дар шаш моҳ як бор мебинам?!

Зан ин дафъа мегӯяд:

- Майхораи лаванд!

Танк

Мӯйсафеде ба БДА омада, мепурсад:

- Писарам, ман аз кучо барои рондани танк ҳуҷҷати ронандагӣ гирифта метавонам?

Дар БДА мегӯянд:

- Бобоҷон, танкро бе ҳуҷҷат ҳам ронда гаштан гиред! Шуморо касе манъ намекунад.

Обу нон

Модар ба маҳбас писарашро хабаргирӣ рафта, аз ӯ мепурсад:

- Султон, дар маҳбас чӣ мехӯрӣ?

Султон мегӯяд:

- Обу нон.

Модар мегӯяд:

- Ҳамон обу нонро дар хонаамон ҳам мехӯрдӣ, намешуд?

Хар

Корманди БДА мошинеро, ки ронандааш зан аст, манъ мекунад. Зан тирезаро кушода, ба нозир ҳуҷҷатҳояшро дароз карда, боодобона мегӯяд:

- Рӯз ба хайр!

Ҳамин дам садои кӯдакона аз нишастгоҳи қафо баланд мешавад:

- Оча, хари гуфтагиатон дар кучо аст?

Имконият

Мардеро ҳангоми аз бонк дуздӣ карданаш дастгир карда, мепурсанд:

- Чаро даст ба дуздӣ задӣ?

Мард мегӯяд:

- Аз назди бонк мегузаштам, ки назарам ба навиштаҷоти “Имконият”-ро аз даст надеҳ” афтод.

Ҷасорат

Марде ба дӯсташ лоф мезанад:

- Медонӣ Камолиддин, ман вақте маст мешавам, аз касе наметарсам!

Камолиддин мепурсад:

- Магар аз Ҳанифаат низ наметарсӣ?

Мард мегӯяд:

- Не, ман то ин дараҷа ҳеҷ гоҳ маст нашудаам...

Пул

Марде ба рафиқаш мегӯяд:

-Медонӣ, зан ҳам ба мисли телефон аст.

Рафиқаш ҳайрон шуда:


-Чӣ хел?

Мард мегӯяд:

-Охир, вақте бепул монад, гап зада намешавад.

Таҳияи
Нодира РАҶАБОВА





ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲАНД!

КИҲО НАМЕТАВОНАНД МУЛЛО ШАВАНД?

Дар сатри равони телевизион хабар доданд, ки як гуруҳ одамон аз ин ба баъд наметавонанд ходими дин бошанд, вале хабарро шарҳ надоданд. Аз “Тоҷикистон” мехоҳам, ки ин масъаларо бароямон шарҳ диҳад.

Саидҷаъфар МУРОДОВ,
шаҳри Турсунзода



МУҶИБАХОН ҶАВҲАРӢ

- Воқеан, Парлумони Тоҷикистон бо иловаи тағйирот ба Қонун "Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ" мушаххас кард, ки киҳо наметавонанд расман ходими дин бошанд. Муҷибахон Ҷавҳарӣ, вакили парлумон тағйирот ба Қонун "Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ"-ро расман тавзеҳ дод. Аз ҷумла, дар қонун мушаххас омадааст, ки як гуруҳ наметавонанд ходими дин шаванд.

Дар ин феҳраст аз ҷумла афроде қарор гирифтаанд, ки ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ содир кардаанд.

“Афроди дастандаркори ҷиноёти хусусияти террористӣ ва экстремистидошта, инчунин нафароне, ки дигар ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнинро содир кардаанд, муассис ё ходимони иттиҳодияи динӣ шуда наметавонанд”,- меафзояд вакил.

Тағйироти мазкур ташаббуси аъзои Маҷлиси миллии Тоҷикистон - Рачаббой Аҳмадзода, Дилшод Раҳмон ва Фарҳод Раҳимӣ мебошад.

Ин дар ҳолест, ки қаблан мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон гузоришҳо нашр кардаанд, ки афроди ба ном мулло дар навоҳӣ бо истифодаи боварӣ ба бархе аз бонувон дастдарозӣ кардаанд. Инчунин, гузоришҳо аз даст доштани ба ном ходимони дин дар ҷиноёти хусусияти экстремистӣ дошта низ нашр мешуданд.

Бар асоси иттилои расмӣ, дар ҷумҳурӣ 48 масҷиди ҷомеи марказӣ, 328 масҷиди ҷомеъ, 3612 масҷиди панҷвақта, 66 ташкилоти динии ғайриисломӣ, 1 маркази исломӣ, 3 ҷамоатхона ва дар маҷмуъ 4 ҳазору 58 иттиҳодияи динӣ дар феҳрасти давлатии иттиҳодияҳои динии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН